КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА
ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ НАЗДИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



# ШАРҲИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2019

# ПЕШГИРӢ,

# МУҲОФИЗАТ,

# НАҶОТ!

***17-уми август – Рӯзи таъсиси***
***Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ***



«...Тоҷикистон баробари ба даст овардани соҳибистиқлолӣ сиёсати самарабахши давлатиро барои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди мамлакат аз офатҳои табиӣ ва экологӣ, садамаҳои бузурги истеҳсолӣ равона намуда, барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда маҷмӯи иқдомоту чорабиниҳои ҳуқуқӣ ва мудофиавиро амалӣ менамояд.

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таҳкими заминаи моддӣ ва техникии хадамоти наҷотдиҳӣ тамоми чораҳои заруриро меандешад ва онҳо ҳоло ба афзудани самаранокии фаъолияти Кумита мусоидат менамоянд.

Кормандони Кумита минбаъд низ ҷиҳати пешгирӣ ва коҳиши оқибатҳои офатҳои табиӣ бояд пеш аз ҳама ба рушди низоми мониторинг ва пешгӯии ҳолатҳои фавқулодда таваҷҷӯҳи хоса зоҳир ва дар фаъолияти худ усулҳо, воситаҳо ва технологияҳои муосирро татбиқ намоянд.

Боварӣ дорам, ки Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дар оянда низ, дар қатори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар, аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздашон гузошташуда сарбаландона мебароянд ва барои ҳифзи манфиатҳои давлатӣ, таъмини бехатарии халқи Тоҷикистон содиқона хизмат мекунад...»

**Аз паёми табрикотии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 25-солагии таъсисёбии хадамоти наҷотдиҳии Тоҷикистон**

# Мундариҷа:

I. ПЕШГУФТОР ... 4
II. НИЗОМИ ДАВЛАТИИ ПЕШГИРӢ, АКСУЛАМАЛ ВА ҲИФЗИ АҲОЛӢ ВА ҲУДУДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ... 6
*2.1. Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда ... 6*
*2.2. Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ ... 12*
*2.3. Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда ... 16*
III. ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА КОҲИШИ ХАТАРИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ДАР СОЛҲОИ 2019–2030 ... 21
IV. ЧОРАБИНИҲО ҶИҲАТИ МУҲОФИЗАТИ АҲОЛӢ ВА ҚАЛАМРАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ... 25
*4.1. Дурнамои рушди Маркази идоракунии ҳолатҳои бӯҳронӣ ... 25*
*4.2. Таҳлили ҳолатҳои фавқулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ... 28*
*4.3. Чорабиниҳо ҷиҳати муҳофизати зироатҳои кишоварзӣ дар соли 2019 ... 42*
*4.4. Азнавсозии системаи мониторинги Кӯли Сарез ... 44*
*4.5. Муроқибати фазоии ҳолати кӯлҳои кӯҳӣ, ки хатари рахна шудан доранд ... 48*
V. ЧОРАБИНИҲО ОИД БА МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ... 51
*5.1. Чорабиниҳо ҷиҳати ба МГ омода намудани аҳолӣ, иқтисодиёт ва қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ... 51*
*5.2. Омӯзонидани аҳолӣ дар заминаи Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумита ... 54*
*5.3. Фаъолияти қӯшунҳои мудофиаи граждании ҳангоми рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ ... 65*
VI. КОРҲОИ ҶУСТУҶӮЙӢ-НАҶОТДИҲӢ ... 71
*6.1. Натиҷаҳои фаъолияти хадамоти ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳии Кумита дар соли 2019 ... 71*
VII. ЧОРАБИНИҲО ҶИҲАТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ОГОҲИИ АҲОЛӢ ДАР СОҲАИ ПЕШГИРӢ ВА РАФЪИ ҲФ ... 79
*7.1. Чорабиниҳои таблиғотӣ ва тавзеҳотӣ дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ аз ҲФ ... 79*
VIII. СИЁСАТИ КАДРӢ ... 82
*8.1. Омӯзонидан ва бозомӯзонидани кадрҳо ... 82*
IX. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ... 85
*9.1. Чорабиниҳо ҷиҳати тавсеа ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда ... 85*
X. САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ КУМИТА ДАР СОЛИ 2020 ... 90
XI. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ... 92

# I. ПЕШГУФТОР



**Хонандаҳои гиромӣ!**

Ба таваҷҷӯҳи Шумо Шарҳи ҳолатҳои фавқулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019, ки онро Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кумита) бо дастгирии Дафтари барномаҳои САҲА дар ш. Душанбе таҳия намудааст, пешниҳод мешавад.

Шарҳи мазкур бо мақсади ба Шумо, хонандагони муҳтарам, расонидани маълумоти воқеӣ оид ба чораҳои андешидашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани (минбаъд – ҲФ ва МГ), натиҷаҳои фаъолияти хизматии Кумита дар самти татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунии ҲФ ва МГ, омодасозӣ ва ҳифзи аҳолӣ, муассисаҳои иқтисодӣ ва қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оқибатҳои ҲФ нашр шудааст.

Илова бар ин, Шарҳ маводи вобаста ба масъалаҳои таҳлили вазъи ҲФ, пешбинӣ ва пешгирии ҳолатҳои фавқулодда, муҳофизати зироатҳои кишоварзӣ, корҳои таблиғотӣ ва тавзеҳотӣ дар байни аҳолӣ, татбиқи барномаҳои соҳавӣ ва ҳамкориҳои байналмилалиро дар бар мегирад.

Хонандаҳо ва ҳамкасбони гиромӣ! Бар асари шароити ҷуғрофӣ ва иқлимӣ ҳар сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳодисаҳои табиӣ, геологӣ ва гидрологӣ, аз қабили боронҳои шадид, селҳо ва обхезиҳо, боришоти шадиди барф, фаромадани тармаҳо, резиши сангҳо, фаромадани ярчҳо, заминларза, хушксолӣ ва шамолҳои сахт, ки ба аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар зарари қобили мулоҳиза мерасонанд, ба вуқӯъ меоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти раёсати Президенти кишвар Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда таъсис ва бо самар фаъолият менамояд.

Илова бар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи коҳиши хатари офатҳои табиӣ ва Барномаи рушди КҲФ ва МГ-ро, ки бо дарназардошти тағйирёбии иқлим ва афзоиши офатҳои табиӣ таҳия шудаанд, тасвиб намуд.

Татбиқи ин ва вазифаҳои дигари ба дӯши Кумита вогузоршуда аз кормандони КҲФ ва МГ тақозо менамоянд, ки онҳо дараҷаи баланди касбӣ, сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ ва этикӣ дошта бошанд. Таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкили сохтори нави мақомоти ҳукумат ва роҳбарикунанда, аз ҷумла мақомоти таъмини бехатарии аҳолӣ ва ҳудуди кишвар аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ оғоз гардид.

Бинобар ин, бо Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 августи соли 1994, таҳти рақами №400 Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ҳамчун мақомоти марказии ҳокимияти иҷроя вазифаҳои вобаста ба татбиқи сиёсати давлатӣ, танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ, расонидани хадамоти давлатӣ ва идоракунии амволи давлатиро дар соҳаи ҲФ ва МГ амалӣ менамояд.

Дар доираи фаъолияти худ Кумита татбиқи сиёсати воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ, муассисоти иқтисодӣ ва ҳудудҳои ҷумҳуриро роҳбарӣ намуда, ҳамоҳангии маҷмӯи чорабиниҳои умумидавлатӣ, ҳуқуқӣ, мудофиавӣ ва дигарро, инчунин ҳамкориҳои

байналмилалиро дар соҳаи мудофиаи граждани, ҳифзи аҳолӣ, муассисоти иқтисодӣ ва қаламрави кишвар аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ ташкил ва таъмин менамояд.

Дар давраи сипаришуда заминаи меъёрӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ фароҳам оварда шуд ва он имкон медиҳад, ки ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди кишвар аз ҳолатҳои фавқулодда ва садамаҳои техногенӣ таъмин карда шавад. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ», «Дар бораи муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавӣ-наҷотдиҳӣ, дастаҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ ва мақоми наҷотдиҳандаҳо», «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» тасвиб шуданд.

Ҷиҳати такмил ва татбиқи сиёсати воҳиди давлатӣ дар соҳаи ҳифзи эҳтимолии табиӣ ва расонидани кумак ба шаҳрвандони мубталои фалокатшуда, кормандони Кумита омода ҳастанд, ки ёрии худро расонанд, омода бошанд.

Дар хотима мехоҳам аз тамоми ҳамкоронамон ба поси ҳамкории муассир ва расонидани кумак дар кори ҳаллу фасли масъалаҳои вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда самимона изҳори сипос намоям.

Кумита умед дорад, ки иттилооти дар «Шарҳи ҳолатҳои фавқулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019» нашр шуда, на танҳо барои хизматчиёни давлатӣ, инчунин барои намояндагони ҷомеа, воситаҳои ахбори омма ва қишрҳои мухталифи аҳолӣ муфид хоҳад буд.

Бо эҳтиром,
**Раиси Кумита** **Р. Назарзода**

# II. НИЗОМИ ДАВЛАТИИ ПЕШГИРӢ, АКСУЛАМАЛ ВА ҲИФЗИ АҲОЛӢ ВА ҲУДУДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

## 2.1. Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда



Бо мақсади ташаккули сиёсати воҳиди давлатӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҳолатҳои фавқулодда, инчунин омода намудани тамоми ҳалқаҳои мақомоти ҷумҳуриявии идоракунӣ ҷиҳати фаъолияти фаврӣ ва муассир ҳангоми ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2002 Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда барои ҳамоҳанг сохтани фаъолияти мақомоти идоракунандаи Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда ташкил гардид. Баъдан, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №799 сохтори Комиссияи мазкур такмил дода шуд.

Фаъолияти Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда ҷиҳати ташаккул ва татбиқи сиёсати воҳиди давлатӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди кишвар аз ҳолатҳои фавқулодда, муайян намудани самтҳои асосии такмил ва рушди Низоми воҳид ва ҳамоҳангсозии фаъолияти Комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда, таҳияи лоиҳаҳои асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҳолатҳои фавқулодда равона шудааст.

Комиссия, инчунин бо масъалаҳои баланд бардоштани суботи фаъолияти муассисоти иқтисодии кишвар ва омодагии мақомоти ҷумҳуриявии идоракунии тамоми сатҳҳо барои фаъолияти сареъ ва муассир ҳангоми вуқӯъи вазъияти хатарнок ба асари

**Сохтори Комиссияи давлатӣ:**

**Раиси Комиссия –**
**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Муовини якуми Раиси Комиссия –**
**Сарвазири Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Муовини Раиси Комиссия –**
**Муовини Сарвазири Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Муовини Раиси Комиссия –**
**Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Котиби масъули Комиссия –**
**Сардори раёсати мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ**

**Аъзоёни Комиссия**

**Роҳбарони вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳурӣ**



ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ машғул мешавад.

Мутобиқи салоҳиятҳои худ Комиссия оид ба ҳолатҳои фақулода вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

– ташаккул ва татбиқи сиёсати воҳиди давлатӣ дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ ва қаламрави кишвар аз ҳолатҳои фавқулодда;
– татбиқи сиёсати воҳиди техникӣ дар соҳаи иртиқои суботи фаъолияти муассисаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳолатҳои фавқулодда;
– муайян намудани самтҳои асосии такомул ва рушди Низоми воҳид дар оянда;
– ҳамоҳангсозии фаъолияти комиссияҳои амалкунанда ва минтақавии зерсистемаи Низоми воҳид оид ба ҳолатҳои фавқулодда дар самти коркарди лоиҳаҳои асноди қонунгузорӣ ва асноди дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҳолатҳои фавқулодда, инчунин баррасӣ ва бо тартиби муайяншуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаҳои асноди мазкур;
– ҳамоҳангсозии фаъолияти комиссияҳои амалкунанда ва минтақавии зерсистемаи Низоми воҳиди давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда дар самти коркарди лоиҳаи барномаҳои мақсаднок дар мавриди муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҳолатҳои фавқулодда ва таъмини фаъолияти босуботи ташкилотҳо, инчунин татбиқи амалии ин барномаҳо;
– ҳамоҳангсозии фаъолияти комиссияҳои амалкунанда ва минтақавии зерсистемаи Низоми воҳид оид ба ҳолатҳои фавқулодда дар мавриди коркард ва татбиқи чорабиниҳои ташкилӣ ва инженерӣ-техникӣ дар самти пешгирии ҳолатҳои фавқулодда, таъмини фаъолияти босубот ва амнияти иншооти хатарнок ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда;
– ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди кишвар аз ҳолатҳои фавқулодда бо истифода аз маблағҳои созмонҳои байналмилалӣ, қарзҳо, сармоягузориҳо, инчунин маблағҳои буҷети ҷумҳурӣ ва манбаъҳои маблағгузории дигари бо ин мақсад ҷудо шуда фаъолият менамоянд;



– ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунанда ва қувваҳои Низоми воҳиди давлатӣ ҳангоми гузаронидани корҳои бузургҳаҷми садамавӣ-наҷодиҳӣ ва корҳои таъхирнопазири барқарорсозӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти муассисоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми сар задани ҳолатҳои фавқулодда, инчунин иқдомоте, ки ҷиҳати наҷоти ҳаёт ва саломатии одамон, коҳиши талафоти моддӣ ва ҳаҷми зарар ба муҳити табиии атроф, маҳдуд намудани минтақаҳои ҳолатҳои фавқулодда ва рафъи оқибатҳои онҳо равона шудаанд;
– мусоидат ва ҳамкорӣ бо комиссияҳои амалкунанда ва минтақавии зерсистемаи Низоми воҳид оид ба ҳолатҳои фавқулодда ҳангоми гузаронидани корҳои вобаста ба рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулодда ва кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаҳои ҳолатҳои фавқулодда;
– расонидани кумак ба комиссияҳои амалкунанда ва минтақавии зерсистемаи Низоми воҳид дар кори ҳаллу фасли масъалаҳои расонидани кумаки иҷтимоъӣ ва ғайра ба шаҳрвандоне, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд, инчунин ба шаҳрвандоне, ки барои рафъи оқибати ҲФ ҷалб карда мешаванд;
– таҳияи пешниҳодҳо оид ба тақсимоти захираҳои молӣ, моддӣ-техникии ҷудонамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда, иҷро намудани чораҳои фаврӣ ва таъхирнопазири вобаста ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи ногаҳонӣ;
– таҳияи пешниҳодҳо дар мавриди барқарор намудани муносиботи қарордодӣ бо давлатҳои хориҷӣ оид ба масоили огоҳсозии мутақобила, расонидани кумак дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи эҳтимолӣ;



- расонидани кумак ба комиссияҳои амалкунанда ва минтақавии зерсистемаи Низоми воҳид ҳангоми гузаронидани корҳои барқарорсозӣ пас аз вуқӯъи ҳолатҳои фавқулодда;
- таҳияи пешниҳодҳо дар мавриди ташаккули системаи иқдомоти иқтисодӣ, иҷтимоъӣ, ташкилӣ, илмӣ-техникӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра, ки ба муҳофизати аҳолӣ ва қаламраи кишвар равона шудаанд;
- таҳияи пешниҳодҳо дар мавриди расонидани ёрии моддӣ ва молӣ ба ашхосе, ки ба асари ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд;



- баррасии масъалаҳои вобаста ба ҷалби қувваҳо ва воситаҳои мудофиаи гражданӣ ба кори ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда, мутобиқи тартиби дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда;
- ташкили кори таъсиси захираҳои эҳтиётии манобеъи молӣ ва моддӣ ҷиҳати рафъи ҳолатҳои фавқулодда;
- пешбурди фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба ваколати Ҳайат;
- муқаррар намудани усули воҳиди арзёбии ҳолатҳои фавқулодда, муйян намудани марзҳои манотиқи ҳолатҳои фавқулодда ва аксуламали муодил ба онҳо;
- муайян намудани ҳаҷми зарари ба моликият расонидашуда ва пешниҳоди асноди зарурӣ ҳангоми вуқӯъи ҳолатҳои фавқулодда, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;



- муайян намудани самтҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи иртиқои суботи фаъолияти муассисоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда;
- бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани маблағгузории чорабиниҳои вобаста ба рафъи ҳолатҳои фавқулодда ва таъмини истифодаи мақсадноки маблағҳои мазкур, ки барои ҳаллу фасли фаврии масъалаҳои марбути барқарорсозии хонаҳои истиқоматии вайроншуда, биноҳои истеҳсолӣ ва ишооти муҳими ҳаётии аҳолӣ дар ноҳияҳои осебдида ҷудо шудаанд;
- ташкили омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуди кишвар аз ҳолатҳои фавқулодда;
- ҳамоҳанг намудани ҳамкории вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳурӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуди кишвар аз ҳолатҳои фавқулодда, дар доираи ӯҳдадориҳое, ки аз қарордодҳо ва шартномаҳои дахлдор бармеоянд.

**Комиссия дар доираи салоҳиятҳои худ ҳуқуқ дорад:**

- пешниҳодҳоро баррасӣ ва хулосаҳои худро оид ба рушд ва такомули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ, ҳудуди кишвар ва муассисоти иқтисодӣ аз ҳолатҳои фавқулодда пешниҳод намояд;

– оид ба масъалаҳои такомули ҳамкории вазоратҳо ва идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳракҳо, деҳот ва ташкилотҳо дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуди кишвар аз ҳолатҳои фавқулодда қарорҳои зарурӣ қабул намояд;
– тибқи тартиби муқарраршуда, лоиҳаҳои асноди меъёрӣ-ҳуқуқиро оид ба масъалаҳои марбути салоҳияташро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;
– маблағҳо ва васоили барои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ҷудо намудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақсим ва рӯйхати муассисоти ба асари онҳо зарардидаро бо қарорҳои худ тасдиқ намояд;



– гузоришҳои ашхоси муваззафи вазоратҳо ва идораҳо, раисони вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, ташкилотҳои ҷумҳуриро дар мавриди истифодаи мақсадноки маблағҳои барои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ҷудо шуда ва оид ба масъалаҳои дигар истимоъ намояд;



– гузоришҳоро дар хусуси ҳолати муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳолатҳои фавқулодда, инчунин ҳолати Низоми воҳид, зерсохторҳои вазифавӣ ва минтақавиро дар давраҳои кӯтоҳмуддат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати фаъолияти онҳо истимоъ намояд;
– тибқи тартиби муқарраршуда аз вазоратҳо, идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳракҳо, деҳот ва ташкилотҳо маводи зарурир о ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти Комиссия дархост ва қабул намояд;
– ҷиҳати арзёбии вазъият, таҳияи пешниҳодот оиди пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, истифодаи захираҳои молӣ, моддӣ, ташкили корҳои вобаста ба барқарорсозӣ пас аз вуқӯъи ҳолатҳои фавқулодда аз ҳисоби аъзоёни Комиссия гурӯҳҳои корӣ ташкил намояд;
– фаъолияти мақомоти идоракунандаи вазифавӣ, минтақавӣ ва қувваҳои Низоми воҳидро, ки барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда ҷалб карда мешаванд, ҳамоҳанг созад, ҳаллу фасли вазифаҳои дигари таъхирнопазирро ташкил ва тартиби фаъолияти ин гурӯҳҳоро муайян намояд;
– иҷрои барномаҳои мақсадноки ба Комиссия пешниҳодшударо оид ба масъалаҳои муҳофизати аҳолӣ ва қаламрави кишвар аз ҳолатҳои фавқулодда ва фаъолияти босуботи муассисоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда назорат намояд;
– мутобиқи тартиби муақарраршуда мутахассисони вазоратҳо ва идораҳо, корхонаҳо, муссисот ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати иҷро намудани корҳои таҳлилӣ, ташхисӣ ва ғайра, ки ба салоҳияти Комиссия шомил мебошанд, ҷалб намояд.

Фаъолияти худро Комиссия мутобиқи нақшаи корӣ, ки дар ҷаласа қабул ва аз тарафи Раиси он тасдиқ мешавад, амалӣ

менамояд. Ҷаласаҳои Комиссия бино бар зарурат, вале на камтар аз ду маротиба дар давоми сол доир карда мешаванд. Ҷаласаҳои Комиссияро Раиси он ва ё бо супориши ӯ яке аз муовинонаш мегузаронад.

Қарорҳои Комиссия бо роҳи овоздиҳии кушода қабул карда мешаванд ва агар ба тарафдории онҳо аксарияти аъзоёни Комиссия, ки дар ҷаласа ҳузур доранд, овоз дода бошанд, қабулшуда ҳисобида мешаванд.

Иҷрои протоколҳои ҷаласаҳои Комиссия, қарорҳо ва фармоишҳои он, ки дар натиҷаи баррасии масъалаҳои шомили салоҳияти он қабул шудаанд, барои тамоми вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳои ҷумҳурӣ, корхонаҳо, муассисот ва ташкилотҳои муқими қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз тобеъияти идоравии онҳо, ҳатмӣ мебошад.



Дар давраи байни ҷаласаҳои Комиссия қарорҳои қабулшуда дар шакли фармошҳо ва супоришҳо ба иҷрокунандагон ирсол мешаванд.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда ташкил шудаанд.

Бо мақсади коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ, инчунин пешгирӣ, аксуламал ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар давоми соли 2019 ҳар як семоҳа ҷаласаҳои Комиссияҳои мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, ш.Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда доир шуданд.

Дар ҷаласаҳои Комиссияҳо масъалаҳои асосии зерин баррасӣ шуданд:

– супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба андешидани чораҳои дахлдор ҷиҳати коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ дар ноҳияҳое, ки дар ростои ҳолатҳои фавқулодда бештар осебпазир мебошанд;
– дар бораи рафти татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ дар солҳои 2019–2030;
– дар бораи рафти татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ташкил ва истифодабарии захираҳои манбаъҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ»;
– дар бораи рафти татбиқи Супориши Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда «Дар бораи гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо»;
– таҳлил ва арзёбии фаъолияти Низоми воҳиди давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда.

## 2.2. Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ




Бо мақсади танзими тартиби ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳурӣ дар масъалаҳои коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, таҳти №98 Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ (минбаъд – Платформаи миллӣ) ташкил шуда буд, ки дар доираи ваколатҳои худ, бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо ва идораҳо, мақомоти худидоракунӣ, ташкилотҳои ғайри ҳукуматӣ, секторҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ ҳамкорӣ менамояд.

Фаъолияти Платформаи миллӣ ба таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба такомул ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо ҷиҳати коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ, ҳамоҳангсозӣ, таҳлил ва ташкили машваратҳо дар хусуси самтҳои афзалиятноки коҳиши хатари фалокатҳо, инчунин ташкил намудани фаъолияти гурӯҳҳои корӣ, бо дарназардошти дониш, таҷриба ва андешаҳои тарафҳои алоқаманд дар соҳаи коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ нигаронида шудааст.

Таркиби Платформаи миллиро бо сарварии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарпарасти соҳа, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст.

Платформаи миллӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо ва идораҳо, ташкилотҳои ғайридавлатии маҳаллӣ ва байналмилалӣ, секторҳои хусусӣ ва ҷамъиятиро муттаҳид менамояд.

Вазифаҳои асосии Платформаи миллӣ чунинанд:

– таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо дар мавриди ташаккул ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ ва фоҷиаҳои техногенӣ, инчунин талафоти инсонӣ ва зарари иҷтимоӣ-иқтисодӣ;
– ҳамоҳангсозӣ, таҳлил ва машварат дар хусуси самтҳои асосии коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ, ки фаъолияти мувофиқашударо дар сатҳи миллӣ тақозо менамоянд;
– таъмини пешрафт дар кори расидан ба мақсадҳои коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ, гузаронидани мониторинг дар ин соҳа;

## Сохтори Платформаи миллӣ:

**Раиси Платформаи миллӣ –**
**Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Муовини Раиси Платформаи миллӣ –**
**Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Муовини Раиси Платформаи миллӣ –**
**Сардори Раёсати мудофиа ва тартиботи қонунии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Иҷрокунандаи масъули Платформаи миллӣ –**
**Сардори сарраёсати муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуди КҲФ ва МГ**

**АЪЗОЁНИ ПЛАТФОРМАИ МИЛЛӢ:**
**Намояндагони вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳурӣ**

**НОЗИРОН: Гурӯҳи РЕАКТ**
**(сармоягузорон ва дигар созмонҳои байналмилалӣ)**

– ташкили иштироки бахшҳои мухталифи ҷомеъа дар муҳокимаи фаъолият дар соҳаи коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ;
– ҳамоҳангсозии ташкили гурӯҳҳои кории мавзӯъӣ бо дарназардошти дониш, таҷриба ва андешаҳои тарафҳои алоқаманд дар соҳаи коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ;
– таъмини мониторинги раванди иҷрои тамоми барномаҳо, лоиҳаҳо, тавсияҳо ва асноди дигар дар соҳаи коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ;
– таҳия ва мувофиқа намудани барномаҳо ва услули арзёбии хатари фалокатҳои табиӣ дар ин соҳа;
– истифода ва татбиқи таҷрибаи байналмилалӣ ҳангоми таҳияи барномаҳо ва арзёбии таъсири хатари фалокатҳои табиӣ ба муҳити атроф;
– ҳамкорӣ бо ташкилотҳои минтақавӣ, байналмилалӣ, сармоягузор ва ташкилотҳои махсусгардонидашудаи дигар дар соҳаи коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ;
– ташкили омӯзиш ва истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ дар чораёни рафъи оқибатҳои фалокатҳои табиӣ, инчунин ҳамоҳанг кардани ҳамкориҳои вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳурӣ дар ин масъалаҳо, дар доираи ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз қарордодҳо ва созишномаҳои дахлдор бармеоянд.

Бо мақсади таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо дар мавриди ташаккул ва ҳамоҳангӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулодда дар тӯли соли 2019 таҳти роҳбарии муовини Раиси Платформаи миллӣ – Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиа граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Назарзода ду ҷаласаи Платформаи миллӣ бо иштироки намояндагони вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳурӣ, инчунин ташкилотҳои ғайриҳукуматии байналмилалии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон, доир гардид.

Дар ҷаласаҳои Платформаи миллӣ гузоришҳои намояндагони як қатор вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳурӣ, роҳбарони ташкилотҳои байналмилалӣ шунида ва масъалаҳои зерин муҳокима шуданд:

– дар бораи рафти татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи милии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ барои солҳои 2019–2030;



- дар бораи рафти иҷрои чорабиниҳои пешгирикунанда ва корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ;



- дар бораи натиҷаҳои гузаронидани назорати фазоӣ ҷиҳати муайян намудани захираи барф, пешбинии эҳтимоли зуҳури селҳо ва обхезӣ;
- дар бораи омодагии қувваҳо ва воситаҳои хадамоти роҳ ва захираҳои моддӣ-техникии зарурӣ ҷиҳати омодагӣ ба фалокатҳои табиӣ дар давраи зимистони солҳои 2019–2020;
- дар бораи маблағгузории чорабиниҳои вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда аз захираи масорифи пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар бораи тартиби ҷалб намудани маблағгузориҳои хориҷӣ ҷиҳати татбиқи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хатари фалокатҳо дар солҳои 2019–2030;
- дар бораи вазъияти эпидемиологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар бораи натиҷаҳои таҳқиқоти инженерӣ-геологӣ дар қитъаҳое, ки ба онҳо равандҳои хатарноки экзогенӣ таҳдид мекунанд;



- дар бораи татбиқ ва амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба бехатарии заминҷунбӣ» ва натиҷаҳои

корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-амалӣ дар самти сохтумонҳои ба заминларза тобовар;
- баррасии барномаи миёнамӯҳлат дар бораи татбиқи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хатари фалокатҳо дар солҳои 2019–2022;
- дар бораи пардохти маблағҳои пулӣ ҳангоми вуқӯъи ҳолатҳои фавқулодда аз тариқи системаи ҳифзи иҷтимоӣ;
- дар бораи натиҷаи татбиқ ва амалӣ намудани лоиҳаҳо ва барномаҳо дар соҳаи коҳиши хатари фалокатҳо дар минтақаҳо;
- дар бораи натиҷаи татбиқ ва амалӣ намудани лоиҳаҳо ва барномаҳо дар доираи фаъолияти Гурӯҳи РЕАКТ.

Мутобиқи натиҷаи ҷаласаҳои Платформаи миллӣ қарорҳои дахлдор қабул шудаанд ва ба вазоратҳо ва идораҳои кишвар супориш дода шудааст, ки ҷиҳати татбиқи қарорҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаҳои тасвибшуда дар соҳаи ҳолатҳои фавқулодда чораҳои зарурӣ андешанд. Инчунин, бо мақсади татбиқ ва амалӣ намудани тавсияҳои «Барномаи чаҳорчӯбавии Сендай оид ба коҳиши хатари фалокатҳо барои солҳои 2015–2030» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи «Стратегияи милии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хатари офатҳо дар солҳои 2019–2030» ба масъулони КҲФ ва МГ супориш дода шудааст, ки дар кӯтоҳтарин мӯҳлат барномаи миёнамӯҳлати татбиқи «Стратегияи милии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хатари фалокатҳоро дар солҳои 2019–2030» бо вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳурӣ мувофиқа ва ҷиҳати баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

## 2.3. Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда



Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ва ташкили корҳо ҳангоми вуқӯъи фалокатҳои табиӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №833 «Сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда» тасвиб шудааст.

Низоми воҳиди давлатӣ мақомоти идоракунанда, қувваҳо ва воситаҳои вазоратҳо ва идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои салоҳиятдорро, ки масъалаҳои муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда шомили ваколатҳои онҳо мебошанд, муттаҳид менамояд ва бо мақсади иҷрои вазифаҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ» пешбинишуда фаъолият мекунанд, муттаҳид менамояд.

Низоми воҳид, ки аз зерсистемаҳои амалкунанда ва минтақавӣ иборат мебошад, дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, маҳаллӣ ва муассисавӣ фаъолият менамояд.

Зерсистемаҳои амалкунандаи Низоми воҳиди давлатӣ аз тарафи вазоратҳо, идораҳо ва ташкилотҳои ваколатдор ҷиҳати ташкили корҳо дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда дар доираи фаъолияти ин мақомот ва ташкилотҳо, ки зерсистемаҳои амалкунандаи Низоми воҳид доранд, ташкил карда мешаванд.

Дар воҳидҳои идорӣ-ҳудудӣ ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар қаламравҳои онҳо зерсистемаҳои минтақавии Низоми воҳид ташкил карда мешаванд, ки мутобиқи тақсимоти идорӣ-ҳудудии онҳо аз ҳалқаҳо иборат мебошанд.

Дар ҳар як сатҳи Низоми воҳид мақоми ҳамоҳангсоз, мақоми идоракунандаи доимо амалкунанда, мақоми идоракунандаи рӯзмарра, қувваҳо ва воситаҳо, захираҳои молӣ ва моддӣ, инчунин системаҳои алоқа, огоҳсозӣ ва таъминоти иттилоотӣ ташкил карда мешаванд.

Роҳбарии кори ташкилӣ ва методии ба нақша гирифтани фаъолиятҳо дар доираи

Низоми воҳид аз тарафи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Фаъолияти Низоми воҳид аз таҳияи нақшаҳо, омода ва иҷро намудани чорабиниҳо оид ба муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуд иборат мебошад ва бо дарназардошти вазъият Низоми воҳид дар режимҳои рӯзмарра, омодабоши сатҳи баланд ва режими ҳолати фавқулодда фаъолият менамояд.

Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ва ташкили корҳо ҳангоми вуқӯъи фалокатҳои табиӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №833 «Сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда» тасвиб шудааст.

Низоми воҳиди давлатӣ мақомоти идоракунанда, қувваҳо ва воситаҳои вазоратҳо ва идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои салоҳиятдорро, ки масъалаҳои муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда шомили ваколатҳои онҳо мебошанд, муттаҳид менамояд ва бо мақсади иҷрои вазифаҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ» пешбинишуда фаъолият мекунанд, муттаҳид менамояд.

Низоми воҳид, ки аз зерсистемаҳои амалкунанда ва минтақавӣ иборат мебошад, дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, маҳаллӣ ва муассисавӣ фаъолият менамояд.

Зерсистемаҳои амалкунандаи Низоми воҳиди давлатӣ аз тарафи вазоратҳо, идораҳо ва ташкилотҳои ваколатдор ҷиҳати ташкили корҳо дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда дар доираи фаъолияти ин мақомот ва ташкилотҳо, ки зерсистемаҳои амалкунандаи Низоми воҳид доранд, ташкил карда мешаванд.

**Сохтори низоми воҳиди давлатӣ:**

**Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда**

**Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Зерсистемаҳои амалкунандаи Низоми воҳиди давлатӣ**

**Вазоратҳо, идораҳо, мақомоти давлатии ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои иқтисодӣ**

Дар воҳидҳои идорӣ-ҳудудӣ ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар қаламравҳои онҳо зерсистемаҳои минтақавии Низоми воҳид ташкил карда мешаванд, ки мутобиқи тақсимоти идорӣ-ҳудудии онҳо аз ҳалқаҳо иборат мебошанд.

Дар ҳар як сатҳи Низоми воҳид мақоми ҳамоҳангсоз, мақоми идоракунандаи доимо амалкунанда, мақоми идоракунандаи рӯзмарра, қувваҳо ва воситаҳо, захираҳои молӣ ва моддӣ, инчунин системаҳои алоқа, огоҳсозӣ ва таъминоти иттилоотӣ ташкил карда мешаванд.

Роҳбарии кори ташкилӣ ва методии ба нақша гирифтани фаъолиятҳо дар доираи Низоми воҳид аз тарафи Кумитаи ҳолатҳои

фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Фаъолияти Низоми воҳид аз таҳияи нақшаҳо, омода ва иҷро намудани чорабиниҳо оид ба муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуд иборат мебошад ва бо дарназардошти вазъият Низоми воҳид дар режимҳои рӯзмарра, омодабоши сатҳи баланд ва режими ҳолати фавқулодда фаъолият менамояд.

Мақомоти идоракунанда ва қувваҳои Низоми воҳиди давлатӣ чорабиниҳои асосии зеринро амалӣ менамоянд:

**1. Ҳангоми реҷаи рӯзмарра:**

– омӯхтани ҳолати муҳити атроф ва пешбинӣ намудани ҳолатҳои фавқулодда;
– ҷамъоварӣ, коркард ва табодулаи иттилоот бо тартиби муқарраршуда, дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда ва таъмини бехатарӣ аз сӯхтор;
– таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки илмӣ-техникӣ ва иқдомот дар самти пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ва таъмини бехатарӣ аз сӯхтор;
– ба нақша гирифтани фаъолияти мақомоти идоракунанда ва қувваҳои Низоми воҳиди давлатӣ, ташкили кори омодасозӣ ва таъмини фаъолияти онҳо;
– омода намудани аҳолӣ ба тарзи амалкард ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда;
– тарғиби донишҳо дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ ва ҳудудҳо аз ҳолатҳои фавқулодда ва таъмини бехатарӣ аз сӯхтор;
– роҳбарӣ намудани кори ташкил, ҷобаҷокунӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи захираҳои моддӣ ҷиҳати рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда;
– гузаронидани ташхисҳои давлатӣ, назорат ва бозрасӣ дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда ва дар доираи салоҳиятҳои худ таъмин намудани бехатарӣ аз сӯхтор;
– гузаронидани намудҳои зарурии суғуртакунонӣ, дар доираи салоҳиятҳои худ;
– гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати омода намудани интиқоли аҳолӣ, арзишҳои моддӣ ва фарҳангӣ ба мавзеъҳои бехатар, ҷобаҷо намудан ва мутаносибан бозгардонидани онҳо ба ҷойҳои сукунати доимӣ ва ё нигоҳдорӣ, инчунин дар самти таъминоти ниёзҳои зиндагии аҳолӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда;
– таҳияи гузоришҳои оморӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда, иштирок намудан дар таҳқиқи сабабҳои фалокатҳо ва фоҷеъаҳо, инчунин андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани сабабҳои чунин фалокатҳо ва фоҷеъаҳо.



**2. Ҳангоми режими омодагии сатҳи баланд:**

– пурзӯр намудани назорати ҳолати муҳити атроф, пешбинӣ кардани вуқӯъи ҳолатҳои фавқулодда ва оқибатҳои онҳо;
– ҳангоми зарурият, ҷорӣ намудани навбатдории шабонарӯзии роҳбарон ва ашхоси мувззафи мақомоти идоракунанда ва қувваҳои Низоми воҳиди давлатӣ дар бунгоҳҳои собити идоракунӣ;
– ҷамъоварии бидуни вақфаи иттилоот, коркард ва ба мақомоти идоракунанда ва қувваҳои Низоми воҳиди давлатӣ додани маълумот дар бораи пешбинии вуқӯъи ҳолатҳои фавқулодда, ба аҳолӣ расонидани маълумот дар хусуси усулҳо ва шаклҳои муҳофизат аз онҳо;
– андешидани чораҳои фаврӣ ҷиҳати пешгирӣ аз вуқӯъ ва тавсеъаи ҳолатҳои фавқулодда, коҳиши ҳаҷми зарар ва талафот ҳангоми вуқӯъи онҳо, инчунин иртиқоъи фаъолияти босубот ва бехатари ташкилотҳо дар аснои ҳолатҳои фавқулодда;

– дақиқ намудани нақшаҳои фаъолият (ҳамкории мутақобила) ва асноди дигар оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда;
– ҳангоми зарурият, ҷиҳати аксуламал бо ҳолатҳои фавқулодда ба ҳолати омодабош овардани дастаҳои гурӯҳҳои фаврӣ ва ташкили интиқоли онҳо ба мавзеъҳои фаъолияти эҳтимолии онҳо;
– ҳангоми зарурият такмил намудани захираҳои моддӣ, ки барои рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ташкил шудаанд;
– ҳангоми зарурият гузаронидани чорабиниҳои интиқолдиҳӣ (эвакуатсионӣ).

**3. Ҳангоми режими ҳолати фавқулодда:**

– назорати бидуни вақфа аз ҳолати муҳити атроф, пешбинии тавсеъаи ҳолатҳои фавқулоддаи рухдода ва оқибати онҳо;
– огоҳ сохтани роҳбарони вазоратҳо ва идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти худидоракунӣ ва ташкилотҳо, инчунин аҳолӣ дар бораи вуқӯъи ҳолатҳои фавқулодда;
– гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати муҳофизати аҳолӣ ва ҳудудҳо аз ҳолатҳои фавқулодда;
– ташкил намудани корҳо ҷиҳати рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ва таъмини ҳаматарафаи фаъолияти қувваҳо ва воситаҳои Низоми воҳид, нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ ҳангоми гузаронидани онҳо, инчунин ҳангоми зарурият, бо тартиби муқарраршуда, ҷалб намудани ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва аҳолӣ ба корҳои вобаста ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда;
– ҷамъоварии бидуни вақфа, таҳлил ва табодулаи иттилоот дар бораи вазъият дар минтақаи ҳолати фавқулодда ва ҳамчунон дар ҷараёни гузаронидани корҳо ҷиҳати рафъи оқибатҳои он;
– ташкил ва нигоҳ доштани ҳамкории бидуни вақфаи вазоратҳо ва идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти худидоракунӣ ва ташкилотҳо оид ба масъалаҳои рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ва оқибатҳои онҳо.

Ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда манбаъҳои зерин истифода мешаванд:

– бунёди масорифи пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳар сол дар буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ карда мешавад;
– захираи арзишҳои моддии шомили захираи моддии давлатӣ барои таъминоти корҳои таъхирнопазири вобаста ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда;
– захираҳои молӣ ва моддии вазоратҳо ва идораҳо дар соли молӣ;
– захираҳои молӣ ва моддии мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ба шумули фондҳои захиравии раисони вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидоракунӣ ва ташкилотҳо.

Дар соли 2019 Кумита як қатор чорабиниҳоро ҷиҳати омода намудани Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда амалӣ намуд.

Бо мақсади санҷиши омодагии қувваҳо ва воситаҳои мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо 6 маротиба ҳолати омодагӣ ва такомули воҳидҳои минтақавии Низоми воҳиди пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда санҷида шуд.

Дар сатҳи минтақавӣ машқи маҷмӯъии минтақавӣ дар вилояти Суғд дар мавзӯъи «Омодагӣ ва аксуламал ба ҳолатҳои фавқулоддаи вобаста ба убури оммавии гурезаҳо» бо ширкати раиси вилояти Суғд Р. Аҳмадзода, раисони комиссияҳои интиқолдиҳӣ ва фаъолияти босуботи муассисоти иқтисодӣ, роҳбарони хадамоти дахлдори вилоят доир карда шуд. Инчунин намояндаҳои вазоратҳо ва идораҳои

марбутаи кишвар, қувваҳо ва воситаҳои Низоми воҳиди пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи шаҳрҳои Хӯҷанд ва Гулистон ба машқи мазкур ҷалб шуда буданд.

Моҳи октябри соли 2019 тамриноти ҳамоҳангсозӣ оиди аксуламал ба фалокатҳои табиӣ дар мавзӯъи «Роҳбарии қувваҳо ва воситаҳои Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда» бо иштироки намояндагони вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуд. Дар тамринот, инчунин ташилотҳои байналмилалии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ширкат намуданд.

Дар доираи тамриноти мазкур машқи маҷмӯъии қувваҳо ва воситаҳои Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар машқгоҳи Қаратоғ гузаронида шуданд.

Дар чавкоти ҳамкории мутақобилаи судманд байни мақомоти Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон аз 24 то 25 сентябри соли 2019 дар ш.Боткент (Қирғизистон) кормандони Кумита дар машқи муштараки сетарафа дар мавзӯъи «Ҳамоҳангсозии мақомоти идоракунӣ, қувваҳо ва воситаҳои Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳангоми ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ» иштирок намуданд.

Бо мақсади иртиқои сатҳи омодагӣ ва такомули малакаи идоракунии қувваҳо ва воситаҳои Низоми воҳиди давлатӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда, дар соли 2019 кормандони Кумита барои ҳайти роҳбарикунандаи вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳурӣ, раисони комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ машғулиятҳо ташкил намуданд.

# III. ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА КОҲИШИ ХАТАРИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ДАР СОЛҲОИ 2019–2030

Барномаи қолабии Сендай оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ барои солҳои 2015–2030, ки дар Конференсияи сеюми умумумиҷаҳонӣ оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ дар ш.Сендай (Япония) 18 марти соли 2015 қабул шуда буд, тавсия менамояд, ки то соли 2020 шумораи кишварҳое, ки стратегияи миллии худро оид ба коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ қабул намудаанд, зиёд карда шавад.

Ба асоси самтҳои афзалиятнок ва вазифаҳои глобалии Барномаи қолабии Сендай барои солҳои 2015–2030 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини рушди босубот чораҳои муассир меандешад.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018 «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ барои солҳои 2019–2030» (минбаъд – Стратегияи миллӣ) тасвиб шуд.

Дар доираи Стратегияи миллӣ дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ дар солҳои 1997–2018 таҳлил карда мешаванд. Илова бар ин тарафҳои қавӣ ва заифи раванди идоракунии хатарҳо арзёбӣ ва ба ҳолати омодагӣ ва аксуламал ба офатҳо таваҷҷӯҳ зоҳир мегардад.

Стратегияи миллӣ ба коҳиши хатарҳои мавҷуд ва пешгирии хатарҳои нави фалокатҳои табиӣ бар мабнои таҳкими иқтидори миллӣ ҷиҳати идоракунии хатарҳои фалокатҳои табиӣ нигаронида шудааст.

Татбиқи афзалиятҳо ва вазифаҳои ҳадафманди Стратегияи миллӣ марҳала ба марҳала то соли 2030 сурат мегирад ва таҳияву қабули барномаҳоро барои солҳои 2020–2022, 2023–2026 ва 2027–2030 пешбинӣ менамояд.

Чунин бархӯрд имкон медиҳад, ки иқдомоти воқеъӣ ва муассир муайян ва захираҳои маблағгузорӣ ҷиҳати дастгирии чорабиниҳои дар нақшаҳо воридшуда барои марҳалаҳои дуюм ва сеюми татбиқи Стратегия миллӣ сафарбар шаванд.

Инчунин нақшаи мазкур имкон медиҳад, ки чорабиниҳои ба нақша гирифташуда, нишондодҳои мақсаднок ва маблағгузорӣ бо дарназардошти пешравии ба даст омада ва ё иваз шудани афзалиятҳо таҷдиди назар шаванд.

Бо роҳбарии Платформаи миллӣ мунтазам раванди мониторинг ва арзёбӣ сурат мегирад, ки ба татбиқи барномаҳои миёнамӯҳлат ва вазифаҳои дарозмуддати Стратегияи миллӣ мусоидат менамояд.

Барномаи миёнамӯҳлат оид ба татбиқи Стратегияи миллӣ барои солҳои 2020–2022 ба асоси афзалиятҳои калидӣ ва вазифаҳои мақсадноки Стратегияи миллӣ бо дарназардошти бархӯрдҳои ҷадиди Барномаи чавкотии Сендай ва Мақсадҳои рушди босубот то соли 2030 ва иваз шудани таваҷҷӯҳ аз идоракуниии фалокатҳо ба идоракунии хатари фалокатҳои табиӣ, афзудани нақши омили гендерӣ, интегратсия ва иштироки бахши хусусӣ дар сиёсат таҳия шудааст.

Барнома аҳдоф, вазоиф ва самтҳои фаъолият, инчунин механизми татбиқи онро дар давраи миёнамӯҳлат то соли 2022 муайян мекунад.

Мақсади Барнома таҳким ва рушди иқтидори миллӣ ҷиҳати коҳиши хатарҳои мавҷуд ва пешгирии хатарҳои нави фалокатҳои табиӣ мебошад.

**Афзалиятҳои асосии Барнома чунинад:**

- беҳтар намудани фаҳмиши хатари фалокатҳои табиӣ ба асоси тавсеаи донишҳо дар бораи сабабҳои хатарҳо;
- такмил додани чаҳорчӯбаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии низоми идоракунии хатари фалокатҳои табиӣ;
- маблағгузории чорабиниҳо оид ба коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ бо мақсади таҳкими иқтидори аксуламал бо онҳо;

– баланд бардоштани омодагӣ ба фалокатҳо ҷиҳати таъмини аксуламали муассир ва маъмул сохтани чораҳои аксуламал дар фаъолияти вобаста ба бозсозӣ, эҳёгарӣ ва таҷдидсозӣ.

Нақшаи фаъолият барои солҳои 2020–2022 ба такомули заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, механизмҳои институтсионалӣ, таҳияи бархӯрдҳои нави методологӣ оиди идоракунии хатарҳои фалокатҳои табиӣ, сохтани модели мониторинг ва арзёбӣ, ки тавоноии гузоштани асоси мустаҳкамро барои расидан ба ҳадафҳои матраҳшуда ва вазифаҳои Стратегияи миллӣ дошта бошанд, равона шудааст.

Таваҷҷӯҳи афзалиятнок ба пурзӯр намудани чораҳо дар самти коҳиши хатари офатҳо, баланд бардоштани суботи ҳаётии аҳолӣ ва таҳкими инфрасохтор бо дарназардошти масъалаҳои одат намудан ба дигаргуншавии иқлим, хусусан дар сатҳи маҳаллӣ, таҳия ва маъмул намудани методологияҳои асосноки илмӣ ва воситаҳо барои ба ҳисоб гирифтани маълумот дар бораи талафот аз фалокатҳои табиӣ бо дарҷи ҷинс, синну сол, маъюбӣ ва иттилооти дигари оморӣ, такмил додани моделсозӣ, арзёбӣ, харитасозӣ, ва мониторинги хатарҳои фалокатҳои табиӣ ва низоми огоҳсозии пешакӣ, ки анвоъи мухталифи таҳдидҳоро фаро мегиранд, мутамарказ шудааст.

Татбиқи Стратегияи миллӣ ва Барномаҳо дар давраи то соли 2022 аз ҳисоби маблағҳои дар буҷет пешбинишуда, маблағгузориҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ сурат мегирад.

**Татбиқи барномаи рушди Кумита барои солҳои 2018–2022:**

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №284 аз 31 майи соли 2018 «Барномаи рушди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2022» (минбаъд – Барнома), тасвиб шуд.

Барнома бо мақсади муайян намудани самтҳои афзалиятноки такомул ва таъмини рушди босуботи минбаъдаи Кумита таҳия ва тасвиб шудааст.

Дар Барнома чорабиниҳо ҷиҳати рушди мақомоти минтақавии Кумита, инчунин беҳтар намудани фаъолияти Низоми воҳиди давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, таҳкими заминаи моддӣ-техникӣ ва имкониятҳои мақомоти ҲФ ва МГ дар соҳаи таъмини муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҳолатҳои фавқулодда пешбинӣ шудаанд. Мутобиқи нақша Барномаи мазкур дар ду марҳала татбиқ хоҳад шуд. Марҳалаи аввали он солҳои 2018–2020 ва марҳалаи дуюми он солҳои 2021–2022-ро дар бар мегирад.

**Татбиқи Барнома ба корҳои зерин мусоидат хоҳад кард:**

– баланд бардоштани иқтидори Низоми воҳиди давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда, инчунин Кумита дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ ва қаламрави ҷумҳурӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ;
– баланд бардоштани сатҳи маҳфузияти аҳолӣ ва ҳудуди ҷумҳурӣ аз хатарҳо ва таҳдидҳои ҲФ;
– васеъ намудани системаи огоҳсозии саривақтии аҳолӣ аз таҳдиди вуқӯъи ҲФ, рушди минбаъдаи системаи маълумотдиҳӣ ва огоҳсозии фаврии аҳолӣ дар ҷойҳои таҷамӯъи одамон;
– инкишофи инфрасохтори иттилоотӣ-телекоммуникатсионии низоми идоракунии хатарҳои ҲФ, инчунин системаи мониторинг ва пешбинии онҳо;
– ташкил намудани дастаҳои наҷотдиҳии сатҳи олии касбии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муоссир ва воситаҳои махсуси техникӣ дар Кумита ва ҷузъу томҳои митақавии он;
– такмили кори омодасозии ҳайати раҳбарикунандаи вазоратҳо, омӯзонидани аҳолии кишвар дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҲФ;
– густариш ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҲФ.

**Барнома аз ҳисоби маблағҳои зерин татбиқ мешавад:**

- аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла маблағгузории иловагии мақсаднок барои харидории техникаи махсус ва эҳтиёҷоти қӯшунҳои мудофиаи гражданӣ;
- аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалӣ ва кишварҳои ҳамкор;
- аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (дар доираи татбиқи барномаҳои рушди вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ки дар мувофиқа бо Кумита таҳия шудаанд.

Дар марҳалаи аввали татбиқи Барнома чорабиниҳои зерин гузаронида ва амалӣ шудаанд:

**1. Такмил додани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ:**

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофиаи гражданӣ» таҳия ва ба баррасии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Дар доираи лоиҳаи Бонки Осиёии рушд коршиносони байналмилалӣ ва маҳаллӣ лоиҳаи қонуни мазкурро баррасӣ ва хулосаҳои худро пешниҳод намуданд;
- дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ» аз 2 январи соли 2019, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хадамоти садамавӣ-наҷотдиҳӣ, дастаҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ ва мақоми наҷотдиҳандагон» аз 2 январи соли 2019 ва дар Низомномаи Кумита, ки бо Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017 ва 1 ноябри соли 2019 тасдиқ шудааст, тағйирот ва иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд;
- Низомнома дар бораи Комиссияи интиқолдиҳӣ ва таркиби он дар таҳрири нав таҳия ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018 тасвиб шуд;
- «Тартиби гузаронидани аттестатсияи хадамот ва дастаҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ, гурӯҳҳои наҷотдиҳӣ ва шаҳрвандони дорои мақоми наҷотдиҳанда» таҳия ва бо фармоиши раиси Кумита тасдиқ шуд.

**2. Ислоҳ ва такомули сохтори Кумита:**

- ҷиҳати такмил додани фаъолият дар соҳаи ҲФ ва МГ, беҳтар намудани ҷадвали штатҳо ва сохтори Кумита, ба асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 ноябри соли 2017, ҳайати шахсии дастаҳои наҷотдиҳии аксуламали сареъ дар вилоятҳо ва минтақаҳои ҷумҳурӣ зиёд карда шуд, инчунин барои сари вақт гузаронидани корҳои ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ дар водии Зарафшон гурӯҳи махсусгардонидашудаи наҷотдиҳӣ ташкил ёфт. Ситодҳои ҲФ ва МГ-ӣ дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба шуъбаҳо ва зершуъбаҳои Кумита табдил ва миқдори штатҳои онҳо зиёд карда шуд;
- лоиҳаи сохтумон ва муҷаҳҳаз намудани Маркази омодасозии ғаввосон-наҷотдиҳандагон дар ш.Норак, ки барои омода намудани ғаввосон – наҷотдиҳандагон, дастаҳои ҷустуҷӯйӣ – наҷотдиҳӣ, ғаввосон-наҷотдиҳандагони ихтиёрӣ дар махзанҳои бузурги об (Роғун, Норак, Қайроқум) ба маблағи умумии 4 млн. 900 ҳаз. доллари ИМА таҳия ва ба ҳамкорони хориҷӣ ҷиҳати маблағгузорӣ пешниҳод шуд;
- муштаракан бо намояндагони ИА, САҲА ва Сафорати Фаронса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асноди зарурӣ ҷиҳати оғози сохтумони Маркази миллии омодасозии наҷотдиҳандагон, ки дар он омодасозии наҷотдиҳандагон аз Афғонистон низ ба нақша гирифта шудааст, таҳия ва имзо шуданд;
- муштаракан бо Бонки умумиҷаҳонӣ ва Бонки Осиёии рушд татбиқи лоиҳаҳои сохтумон ва таҷҳизонидани МИҲБ дар ш.Душанбе ва вилоятҳо, навсозии системаи мониторинг ва тавсеъаи минтақаи огоҳсозии саривақтии Кӯли Сарез, иваз намудани локаторҳои Хадамоти зидди жолаи Кумита шурӯъ шудаст.

**3. Омӯзонидан ва бозомӯзии кадрҳо:**

– ҷиҳати такомули омодасозии касбӣ, бозомӯзӣ ва баланд намудани маҳорати кормандони Кумита, инчунин иртиқоъи сатҳи омӯзиши аҳолӣ, маълумотнокии ҳайати раҳбарии мудофиаи граждани, муҳофизати аҳолӣ ва ҳудудҳо, зерсистемаҳои Низоми воҳиди давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҲФ, бо дастгирии Бунёди Шоҳ Салмон (Арабистони Саудӣ) бинои нави 3 табақаи Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумита, ки ҷавобгӯи талабот ва бо таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз шудааст, сохта ба истифода дода шуд;
– бо мақсади баланд намудани маҳорати касбӣ, бозомӯзӣ, такомули малакаи кормандон ва омӯхтани таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҲФ 113 нафар корманди Кумита дар 40 вохӯрӣ, курсҳои омӯзишӣ, семинарҳо, тренингҳо ва машқҳои муштарак дар хориҷи кишвар иштирок намуд, инчунин 24 курси омӯзишӣ, семинар ва тренинг дар дохили ҷумҳурӣ бо иштироки 232 корманд ташкил карда шуд;
– дар Академияи мудофиаи граждании КҲФ Федератсияи Россия ва Академияи умуминизомии Кувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия 25 донишҷӯ ва корманди Кумита, инчунин дар Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 донишҷӯ таҳсил мекунад.

**4. Таҳкими иқтидори хадамоти наҷотдиҳии Кумита:**

– бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти хадамоти наҷотдиҳии Кумита ва таҳкими иқтидори техникии онҳо дар доираи Созишномаҳо ва лоиҳаҳои барномавии имзошуда, Ҳукумати Япония, Ҷумҳурии Халқии Хитой, кишварҳои дигари маблагузор ва ташкилотҳои байналмилалӣ техника ва таҷҳизоти махсуси садамавӣ-наҷотдиҳӣ, ба шумули воситаҳои нақлиёти инженерӣ ва наҷотдиҳӣ, сервер, планшетҳо, компютерҳо, ноутбукҳо, принтерҳо, таҷҳизоти назоратӣ, дастгоҳҳои суратгирӣ, балангӯякҳо, воситаҳои муҳофизати инфиродӣ, таҷҳизоти зарурии садамавӣ- наҷотдиҳӣ, хаймаҳо, мебел, асбобу анҷом барои дафтари кумаки равонӣ, баста барои пок намудани силоҳ ба маблағи умумии 104 млн. 418 ҳаз. 265 сомонӣ (10 млн. 945 ҳаз. 310 доллари ИМА) ба Кумита ҳамчун кумаки бебозгашт тақдим намуданд;
– дар ноҳияҳои Сангвор, Файзобод, Норак ва ш.Роғун барои Кумита қитаъҳои замин барои сохтумони бунгоҳҳои сукунати муваққатӣ барои зарардидагон ва одамони кӯчонидашуда, бо дастгирии Агентии Оғо Хон оид ба Хабитат, ҷудо карда шуданд. Сохтумони Бунгоҳ дар ноҳияи Сангвор дар марҳилаи анҷомёбӣ мебошад;
– барои сохтумони бинои асосӣ ва машқгоҳи таълимии Хадамоти ҷумҳуриявии низомикунонидашудаи наҷотдиҳии кӯҳӣ дар ш. Роғун 0,2 га замин барои Кумита ҷудо шудааст ва чораҳо ҷиҳати таъмини фаъолияти Хадамоти мазкур бо мақсади гузаронидани корҳои зидди садамавӣ ва наҷотдиҳӣ дар иншооти зеризаминӣ андешида шудаанд.

**5. Рушди мақомоти минтақавии Кумита:**

– бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва беҳтар намудани шароити кори мақомоти минтақавии КҲФ ва МГ бинои Шуъбаи Кумита дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон аз таъмири асосӣ бароварда шуд;
– барои ташкил намудани захираҳои ғайри маводи озуқаворӣ ва истифодабарӣ дар ноҳияҳои ҳамсарҳад бо Афғонистон ҳангоми фалокатҳои табиӣ, ду маркази кумакрасонӣ дар ноҳияҳои наздисарҳади бунёд ва сохтумони ду анбор барои нигоҳдории кумакҳои башардӯстона барои зарадидагон дар Афғонистон дар ш.Леваканти вилояти Хатлон ва ш. Хоруғи ВМКБ дар доираи лоиҳаи ПРООН СММ ва кумаки молии Ҳукумати Япония шурӯъ шудааст. Захраҳои ташкилшаванда эҳтиёҷоти тахминан 1000 нафарро (155 оиларо) ба кумак таъмин хоҳанд кард.

# IV. ЧОРАБИНИҲО ҶИҲАТИ МУҲОФИЗАТИ АҲОЛӢ ВА ҚАЛАМРАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 4.1. Дурнамои рушди Маркази идоракунии ҳолатҳои бӯҳронӣ

Маркази идоракунии ҳолатҳои бӯҳронӣ (минбаъд – МИҲБ), бо салоҳияти Раёсат, дар сохтори Кумита шомил аст ва аз шуъбаҳои зерин иборат мебошад:

– шуъбаи қисми навбаторӣ ва хадамоти диспетчерӣ;
– шуъбаи иттилотӣ-таҳлилӣ;
– шуъбаи телекоммуникатсия ва алоқа;
– шуъбаи барномасозӣ;
– шуъбаи мусоидати техникӣ.



МИҲБ мақоми идаракунии рӯзамарраи Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳи фавқулодда мебошад ва барои муттаҳид намудани захираҳои иттилоотӣ ва имконоти зерсистемаҳои амалкунанда ва минтақавӣ, инчунин идоракунии фаврии ҳолатҳои бӯҳронӣ ва фавқулодда ихтисос ёфтааст.

Вазифаҳои асосии МИҲБ чунинанд:

– ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбии маълумот дар бораи вазъияти воқеъӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда;
– танзим ва ба махзани ягонаи иттилоотӣ ворид намудани маълумот, табодулаи иттилоот дар бораи ҳолатҳои фавқулодда ва фалокатҳои ногувор бо истифода аз технологияҳои муоссири иттилотӣ, аз ҷумла ба асоси системаи глобалии муайянкунии мавқеъ GPS, наворбардории кайҳонӣ, системаи иттилоотии ҷуғрофӣ, таъмини фаъолияти дурусти таъминоти барномавии системавӣ ва мусоидати техникӣ;
– таҳияи харитаҳои иттилоотӣ ва электронӣ, тасҳеҳи харитаҳои электронӣ бо мақсади мусоидат дар ҳаллу фасли масъалаҳои пешгирӣ ва коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ;
– идора ва зиёд кардани махзани иттиллотии маълумот барои таъмини фаъолияти системаи мусоидати қабули қарорҳо;
– назорати ҳолати нуқтаҳои алоқа, бунгоҳҳои идоракунӣ ва ситемаҳои худкори огоҳсозӣ, инчунин таъмини фаъолияти босуботи онҳо;
– ҳамоҳанг сохтани фаъолияти хадамоти навбатдорӣ-диспетчерии вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳурӣ дар масъалаҳои муҳофизати граждании;
– ҳамоҳанг намудани чорабиниҳои вобаста ба ташкил ва рушди босуботи фаъолияти системаи худкори иттилоотӣ-идоракунӣ, ки марбути салоҳияти МИҲБ мебошад;
– ташкили ҳамкории мутақобила, табодулаи иттилоот ва дақиқ намудани вазъияти воқеъии вобаста ба ҳолатҳои фавқулодда (фалокатҳо) дар низоми шабонарӯзӣ байни МИҲБ – ии давлатҳои аъзои ИДМ ва ТШАД бо истифода аз имконоти амалкунандаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ тавассути каналҳо ва навъҳои мавҷуди алоқа.

Дар соли 2019 кори ҳадафманд дар самти ҷамъоварӣ, таъмим ва ба махзани маълумот ворид намудани иттилооти омории ҳолатҳои фавқулодда ва фалокатҳои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқӯъ омада, инчунин иртиқоъи сатҳи дониши кормандон ва таҳкими иқтидори моддӣ-техникии МИҲБ сурат гирифт.

Бо ибтикори Кумита ва дастгирии Агентии Оғо Хон оид ба макони зист платформаи кушода барои табодулаи маълумот зери унвони «Маркази идоракунии инфрасохтории маълумоти маконӣ» ташкил карда шуд, ки маълумоти дақиқ ва боэътимод дар бораи хатарҳои ба кишвар таъсиркунанда пешниҳод менамояд.

«Маркази идоракунии инфрасохтории маълумоти маконӣ», ки дар он акнун ду идораи давлатӣ – Кумита ҳолатҳои фавқулодда ва Сарраёсати геологӣ шомиланд, дарояндаи надик аз ҳисоби пайвастани идораҳои дигари давлатӣ васеъ хоҳад шуд.

Кормандони «Маркази идоракунии инфрасохтории маълумоти маконӣ» таҳсилоти хуб доранд ва дар кори худ аз афзори маҷмӯии таҳлилӣ ва харитасозӣ истифода менамоянд, ки он банақшагирии фаъолиятро ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда, пешбинӣ ва харитасозии хатарҳоро таъмин намояд. Ҳофизаи институтсионалӣ барои дастгирии донишҳо дар бораи идоракунии хатарҳо дар тамоми кишвар хизмат мекунад.

Дар айни замон корҳо ҷиҳати таҳия ва пур кардани шаклҳои муайяни маълумот барои ба махзани маълумот ворид намудан сурат мегиранд.

Бо мақсади баланд намудани сатҳи касбии кормандони МИҲБ дар соли сипаришуда чораҳои зерин ташкил ва гузаронида шуданд:

- курси омӯзиши фосилавӣ аз рӯи барномаи «Таркиб, сохтор ва тартиби фаъолияти МИҲБ» бо дастгирии МОГО аз тарафи Институти рушди Академияи муҳофизати гражании ВҲФ Россия;
- курс оид ба истифодабарии барномаи Arc GIS бо дастгирии Барномаи умумиҷаҳонии озуқавории СММ (WFP);
- курс оиди истифодабарии дастгоҳҳои парвозкунандаи бесарнишин (ДПБ) бо дастгирии Агенти Оғо Хон оид ба макони зист.

Дар соли 2019 бо дастгирии молии Бонки умумиҷаҳонӣ татбиқи Барномаи сохтмони бинои Маркази миллии идоракунии ҳолатҳои бӯҳронӣ (минбаъд – ММИҲБ) шурӯъ шуд.

Ҳоло корҳои таҳияи лоиҳа ва мувофиқа намудани бинои нави ММИҲБ, ки ба ҳама талаботҳои муосир ҷавобгӯй мебошад, ба анҷом расидаанд.



**Лоиҳаи бинои ММИҲБ**

Ба нақша гирифта шудааст, ки МММҲБ бо воситаҳои муосири алоқа ва телекоммуникатсия, инчунин маҷмӯъҳои сайёри фармондеҳӣ барои ташкили фаъолияти бидуни вақфа дар минтақаи ҲФ, муҷаҳҳаз карда шавад.

Бо мақсади таъмини эҳзори хадамоти фаврӣ ва аксуламалкунанда ба ҷойҳои ҳолатҳои фавқулодда, дар Кумита рақами воҳиди кӯтоҳи «112» (системаи «112») ташкил шудааст, ки ҳоло дар ҳолати озмоишӣ фаъолият менамояд. Система «112» ҳамарӯза ҳамкории мутақобилаи иттилоотиро байни мақомоти идоракунии Низоми воҳиди давлатӣ, зерсистемаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва хадамоти фаврӣ дар ҳолатҳои таҳдиди хатарҳо ва ё вуқӯъи ҳолатҳои фавқулодда таъмин менамояд.

Дар айни замон системаи «112» шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои наздики атрофи онро фаро мегирад.

Бо мақсади баланд бардоштани самараноки идоракунии ҳолатҳои бӯҳронӣ, инчунин огоҳсозии фаврӣ ва эҳзори хадамоти аксуламали сареи Низоми воҳиди давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда зарур аст, ки рақами воҳиди кӯтоҳи фаврии «112»-и Кумита, ҳамчун рақами Системаи таъмини эҳзори хадамоти фаврӣ ва аксуламалкунанда ба ҳолатҳои фавқулодда, дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ ва кори бидуни вақфаи он таъмин карда шавад.

## 4.2. Таҳлили ҳолатҳои фавқулодда дар Ҷухурии Тоҷикистон дар соли 2019

Дар давоми соли 2019 хатари вуқӯи ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд буд ва тамоил ба афзоиш дошт.

Офатҳои табиӣ боиси талаф ёфтани одамон, расонидани осеб ба саломати онҳо, муҳити атроф мешаванд ва инчунин зарари қобили мулоҳизаи моддӣ мерасонанд.

Дар соли 2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3449 ҳолати фавуқулода ва ҳодиса ба қайд гирифта шуд, ки 18,2% дар муқоиса бо соли 2018 зиёдтар аст, аз ҷумла:

- 680 – ҳолати фавқулодда ва ҳодисаи табиӣ;
- 2555 – ҳодисаи техногенӣ;
- 214 – ҳодисаи ногувор.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои шароити мухталифи геологӣ, иқлимӣ ва замини ноҳамвор мебошад, зуд-зуд зуҳуроти хатарноки табиӣ, аз қабили заминҷунбӣ, бориши шадиди барф, фаромадани тармаҳо, боронҳои сел, фаромадани селҳо, ярчҳо, резиши сангҳо ва раъду барқ ба вуқӯъ меоянд.

Дар соли сипаришуда 680 офатҳои табиӣ сабт шуд. Аз ҷумла: фаромадани тармаҳо – 445; селҳо – 80; резиши сангҳо – 37; баланд шудани сатҳи оби дарёҳо – 32; заминҷунбӣ – 25; шамоли сахт – 18; боронҳои сел – 17; ярчҳо – 13; бориши шадиди барф – 8 ҳодиса.

Дар соли 2019 миқдори офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо соли 2018 чаҳор маротиба афзоиш ёфт.

**Миқдори фалокатҳои табиӣ ва ҳалокшудагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018–2019**




Афзоиши қобили мулоҳизаи фаромадани тармаҳо дар соли 2019 мушоҳида гардид ва онҳо 65,4% шумораи умумии офатҳои табииро ташкил намуданд (соли 2018 – 4,7%).

Миқдори зиёди фаромадани тармаҳо дар ВМКБ – 67 % ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (минбаъд – НТҶ) – 28,5% ба қайд гирифта шуд ва дар натиҷаи онҳо 9 нафар одам ҳалок шуд. Аз ҷумла:

- дар ВМКБ – 5 нафар;
- дар вилояти Суғд – 3 нафар;
- дар НТҶ – 1 нафар.

Фаромадани тармаҳо аз ҳама бештар дар ҳудуди ноҳияҳои Рӯшон (102) ва Ишкошими ВМКБ (71), инчунин дар ноҳияи Варзоб (101) ба қайд гирифта шуд.

## Миқдори фалокатҳои табиӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018–2019

| Номгӯи ҳодисаҳо | 2018 | | 2019 | | Паст шудан Меафзояд (+/–) % |
|---|---|---|---|---|---|
| | Миқдор | Фавтида | Миқдор | Фавтида | |
| Заминларза | 30 | | 25 | | –16,7% |
| Тарма | 8 | | 445 | 9 | 55,6 маротиба |
| Ярч | 8 | | 13 | | 62,5% |
| Сангрезӣ | 44 | 4 | 37 | 3 | –15,9% |
| Шамоли сахт | 7 | 2 | 18 | 2 | 26 маротиба |
| Боришоти барфи зиёд | 1 | | 8 | | 8 маротиба |
| Боришоти борони зиёд | 2 | | 17 | | 8,5 маротиба |
| Туман | 2 | 5 | | | 2 маротиба |
| Баландшавии сатҳи об | 11 | | 32 | | 2,9 маротиба |
| Раъду барқ | 3 | 2 | 1 | 1 | 3 маротиба |
| Сел | 48 | 3 | 80 | 7 | 66,7% |
| Яхбандӣ | 4 | 1 | 2 | | 2 маротиба |
| Яхпора, канда шудани пирях | | | 2 | | 2 маротиба |
| Сухтор аз гармии ҳаво | 1 | | | | |
| **Ҳамагӣ:** | **169** | **17** | **680** | **22** | **4 маротиба** |

## Таносуби намудҳои офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018–2019

**соли 2018** **соли 2019**



**Миқдори тармаҳо дар минтақаҳои қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019**




**Харитаи фаромадани тармаҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019**




1 см = 11 000 м

Ҳиссаи селҳо дар шумори умумии офатҳои табиӣ 11,7%-ро дар соли 2019 ташкил намуд, ки назар ба соли 2018 – 16,7% камтар аст. Дар натиҷаи фаромадани селҳо 7 нафар одам ҳалок шуд, аз ҷумла:

- вилояти Хатлон – 2 нафар;
- вилояти Суғд – 2 нафар;
- НТҶ – 3 нафар.

Миқдори зиёди селҳо дар дар ноҳияи Сангвор – 15 ва ноҳияи Дарвози ВМКБ – 9 ҳодиса ба қайд гирифта шуд.

Ҳамагӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 дар натиҷаи офатҳои табиӣ 22 нафар одам ҳалок шуд, дар ҷумлаи онҳо 5 нафар коргарони хадамоти роҳ низ буданд ва ҳангоми пок намудани роҳ аз тармаҳо ва селҳо ҳалок шуданд.

**Миқдори селҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 дар бурриши минтақаҳо**




**Нақшаи фаромадани селҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019**



**Шумораи ҳалокшудагон ҳангоми офатҳои табиӣ дар соли 2019 дар бурриши намуди фалокатҳо**




**Шумораи офатҳои табиӣ дар соли 2019 дар бурриши моҳҳо**



**Миқдори ҳалокшудагон ҳангоми офатҳои табиӣ дар соли 2019 дар бурриши моҳҳо**




**Миқдори ҳалокшудагон дар натиҷаи офатҳои табиӣ дар солҳои 2018–2019 дар бурриши минтақаҳо**



Аз шумораи умумии офатҳои табиӣ, 50,6% онҳо дар соли 2019 дар ҳудуди ВМКБ ва 33% – дар НТҶ ба қайд гирифта шуданд.

Дар тӯли солҳои 2008–2019 ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ба иқтисодиёти кишвар ба маблағи зиёда аз 150 млн доллари ИМА зарар расониданд.

Қобили зикр аст, ки фалокатҳои табиӣ дар вилояти Хатлон, гарчи шумораи онҳо чандон зиёд нест, зарари бештари моддӣ расониданд ва ҳаҷми он 41,6% маблағи умумии зарарро ташкил намуд.

Дар вилояти Суғд ҳаҷми хисороти моддӣ 36%-и маблағи умумии зарарро ташкил намуд.

Аз 680 фалокати табиӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, 46-тои онҳо зарари моддӣ расониданд ва боиси талафоти ҷонӣ шуданд.

Дар соли 2019, мисли соли гузашта, фалокатҳои табиӣ дар вилоятҳои Хатлон ва Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон зарари бештари моддӣ расониданд.

**Зарари моддии офатҳои табиӣ дар солҳои 2018–2019 (ба сомонӣ)**




**Маблағи зарари офатҳои табиӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 дар бурриши минтақаҳои кишвар (ба сомонӣ)**



## Зарари моддии офатҳои табиӣ дар солҳои 2018–2019 дар бурриши минтақаҳои кишвар (ба сомонӣ)




## МАЪЛУМОТ
### дар бораи офатҳои табиӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 дар бурриши минтақаҳои кишвар

| 2019 сол | | Намуди ҳодисаҳо | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | заминларза | тарма | кўҳпора. сангрез | ярч | боришоти барфи сахт | боришоти борони сахт | шамоли сахт | яхбандӣ | сел | баланд-шавии сатҳи об | раъду барқ | канда шу-дани пирях | ҳамагӣ |
| ВМКБ | Миқдори ҲФ | 3 | 298 | 10 | 3 | 1 | | 7 | 1 | 16 | 4 | | 1 | **344** |
| | Ҳалокшудагон | | 5 | 1 | | | | | | | | | | **6** |
| | Маблағи зарар | | 119100 | 114300 | | 420600 | | | | 151600 | 32000 | | | **837600** |
| Суғд | Миқдори ҲФ | | 19 | 8 | | | 1 | | | 20 | 5 | | | **53** |
| | Ҳалокшудагон | | 3 | 2 | | | | | | 2 | | | | |
| | Маблағи зарар | | | | | | | | | 10981200 | 296900 | | | **11278100** |
| Хатлон | Миқдори ҲФ | 1 | 1 | 4 | 4 | | 8 | | | 7 | 9 | | | **34** |
| | Ҳалокшудагон | | | | | | | | | 2 | | | | |
| | Маблағи зарар | | | | | | | | | 13039800 | | | | |
| НТҶ | Миқдори ҲФ | 8 | 127 | 15 | 6 | 7 | 4 | 6 | 1 | 34 | 14 | 1 | 1 | **224** |
| | Ҳалокшудагон | | 1 | | | | | 1 | | 3 | | 1 | | **6** |
| | Маблағи зарар | | 483729 | 115500 | 359600 | | | | | 4711671 | | | | **5930500** |
| Душанбе | Миқдори ҲФ | 13 | | | | | 4 | 5 | | 3 | | | | **25** |
| | Ҳалокшудагон | | | | | | | 1 | | | | | | **1** |
| | Маблағи зарар | | | | | | | | | | | | | |
| **Умумӣ** | **Миқдори ҲФ** | **25** | **445** | **37** | **13** | **8** | **17** | **18** | **2** | **80** | **32** | **1** | **2** | **680** |
| | **Ҳалокшудагон** | **0** | **9** | **3** | **0** | **0** | **0** | **2** | **0** | **7** | **0** | **1** | **0** | **22** |
| | **Маблағи зарар** | **0** | **602829** | **229800** | **359600** | **420600** | **0** | **0** | **0** | **29215571** | **328900** | **0** | **0** | **31357300** |

## Фалокатҳои техногенӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019

Башарият хатарҳо ва таҳдидҳои техногениро назар ба хатарҳои табиӣ баъдтар эҳсос ва дарк намуд. Баробари рушди техносфера одамон ба фалокатҳои техногенӣ мувоҷеҳ шуданд ва сабаби ин фалокатҳо аксар вақт худи онҳо мебошанд.

Қобили тазаккур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон садамаҳо ва фалокатҳои нақлиётӣ, сӯхторҳо ва садамаҳо дар шабакаҳои барқ хатари бештар доранд.

Соли 2019 дар натиҷаи фалокатҳои техногенӣ 425 нафар одам ҳалок ва 1394 нафар наҷот дода шуданд.

**Таносуби фалокатҳои техногенӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018–2019**




Дар соли 2018 фалокатҳои техногенӣ ба андозаи 1,6% бештар сабт шуда буданд, вале шумораи наҷотёфтагон нисбат ба соли 2019 13 нафар камтар буд.

Саҳми садамаҳои нақлиётӣ дар шумораи умумии фалокатҳои техногенӣ дар соли 2019 дар қаламрави кишвар 47%-ро ташкил намуд (соли 2018 – 49%) ва миқдори онҳо дар муқоиса бо соли гузашта 5,7 % коҳиш ёфт.

Саҳми сӯхторҳо дар шумораи умумии садамаҳои техникӣ, мисли соли 2018 – 50%-ро ташкил намуд. Дар соли 2019 шумораи фалокатҳои техногенӣ ва миқдори ҳалокшудагон дар муқоиса бо соли гузашта ба андозаи 1,8% коҳиш ёфт.

92% ашхоси дар натиҷаи фалокатҳои техногенӣ ҳалокшуда ба асари садамаҳои нақлиётӣ ҷон бохтанд (соли 2018 – 91,2 %).

Шумораи ашхосе, ки дар соли 2019 наҷот дода шудаанд дар муқоиса бо соли гузашта 13 нафар афзоиш ёфт.

**Миқдори ҳодисаҳои техногенӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018–2019**

| | 2018 | | | 2019 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Миқдор** | **Фавтида** | **Наҷот дода шуд** | **Миқдор** | **Фавтида** | **Наҷот дода шуд** |
| Садамаи нақлиётӣ | 1285 | 395 | 1357 | 1212 | 391 | 1314 |
| Сӯхтор | 12% | 22 | 9 | 1274 | 23 | 18 |
| Садамаи дар лифт | | | | 8 | | 20 |
| Садамаи саноатӣ | | | | 1 | | |
| Кушодани дари хонаҳо | 7 | 5 | | 38 | 2 | 35 |
| Садамаи гази заҳролуд | 1 | | 1 | 5 | 4 | 3 |
| Таркиш | 4 | 6 | 1 | 2 | 1 | 2 |
| Дарёфти лавозимоти ҷангӣ | 2 | | | 6 | | |
| Садамаи дар иншоотҳои зеризаминӣ | | | | 2 | 3 | |
| Садамаи коммуналӣ | | | | 6 | | 1 |
| Садамаи авиатсионӣ | 1 | 5 | 13 | 1 | 1 | 1 |
| **Ҳамагӣ** | **25%** | **433** | **1381** | **2555** | **425** | **1394** |

**Миқдори ҳалокшудагон ва наҷотёфтагон ҳангоми фалокатҳои техногенӣ дар солҳои 2018–2019**




КҲФ ва МГ 214 ҳодисаи ногуворро дар соли 2019 ба қайд гирифт, ки назар ба соли 2018 (154 ҳолат) 39% бештар аст ва дар натиҷаи онҳо 181 нафар одам ҳалок шуд (соли 2018 – 156 нафар).

Дар соли 2019 ҳиссаи фалокатҳои ногувор дар кӯлҳо ва дарёҳо 72,4%-ро ташкил намуд ва 12% назар ба соли 2018 зиёд шуд. Ин дар ҳолест, ки шумораи умумии фалокатҳои ногувор 38,9% афзоиш

ёфт. Дар натиҷаи фалокатҳои ногувор 141 нафар ҳалок ва 51 нафар наҷот дода шуд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки сабабҳои асосии ғарқшавии одамон – беэҳтиётӣ (26%), оббозӣ дар ҷойҳои мамнӯъшуда (18%) ва набудани назорат аз тарафи волидайн (16%) мебошанд.

Дар соли 2019 45,8% ҳолатҳои ғарқшавии одамон дар вилояти Суғд ва 25,2% онҳо дар НТҶ ба қайд гирифта шуд. Шумораи аз ҳама бештари наҷотдодашудагон низ дар вилояти Суғд сабт шудааст – 90,2%.

Таркиби синну соли одамони ғарқшуда дар соли 2019 чунин аст:

– то 17-сола – 39,7 %;
– аз 17 то 35-сола – 35,5%;
– аз 35-сола боло – 24,8%.

Занҳо 27% одамони дар соли 2019 ғарқшударо ташкил медиҳанд (38 нафар).

**МАЪЛУМОТ**
**дар бораи ҳодисаҳои ногувор дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018–2019**

| | 2018 | | | 2019 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Миқдор | Фавтида | Наҷот дода шуд | Миқдор | Фавтида | Наҷот дода шуд |
| Ҳолатҳои ғарқшавӣ | 133 | 140 | 16 | 155 | 141 | 51 |
| Ҳодисаи нохушӣ | 19 | 15 | 5 | 46 | 29 | 38 |
| Ёфтани ҷасад | 1 | 1 | | 11 | 11 | |
| Бедарак | 1 | | | 2 | | |
| **Ҳамагӣ:** | **154** | **156** | **21** | **214** | **181** | **89** |

**Миқдори фалокатҳои ногувори вобаста ба ғарқшавии одамон дар солҳои 2018–2019**



**МАЪЛУМОТ**
**оид ба ҳолатҳои ғарқшавии одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018–2019 дар бурриши минтақаҳо**

| Вилоят | Ҳолатҳои ғаркшавӣ | | Ғаркшуда | | Наҷот дода шуд | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2018 | 2019 | 2018 | 2019 |
| ш.Душанбе | 12 | 8 | 13 | 8 | | 3 |
| ВМКБ | 14 | 19 | 15 | 21 | 5 | |
| НТҶ | 41 | 39 | 45 | 40 | 2 | 2 |
| Суғд | 46 | 71 | 47 | 48 | 8 | 46 |
| Хатлон | 20 | 18 | 20 | 24 | 1 | |
| **Ҳамагӣ:** | **133** | **155** | **140** | **141** | **16** | **51** |

**Миқдори наҷотдодашудагон дар кӯлҳо ва дарёҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 дар муқоиса бо соли 2018**



**Таносуби фоизии маълумот оид ба сабабҳои ғарқшавии одамон дар соли 2019**




**Микдор ва сабабҳои ғарқшавии одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018–2019**



**Маълумот дар бораи ғарқшудагон дар соли 2019
дар бурриши синну сол ва минтақаҳои кишвар**

| Синну сол | шаҳри Душанбе | | ВМКБ | | НТҶ | | вилояти Суғд | | вилояти Хатлон | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | зан. | мард. | зан. | мард. | зан. | мард. | зан. | мард. | зан. | мард. | |
| то 4-сола | | | | | 2 | 3 | 1 | 3 | | 2 | 11 |
| аз 5 то 10-сола | | | | 2 | | 4 | | 6 | | 2 | 14 |
| аз 11 то 16-сола | | | 1 | 2 | 4 | 7 | 5 | 7 | 1 | 4 | 31 |
| аз 17 то 35-сола | 1 | 3 | 2 | 4 | 2 | 9 | 6 | 13 | 3 | 7 | 50 |
| баъди 35-сола | 1 | 3 | 3 | 7 | 2 | 7 | 2 | 5 | 2 | 3 | 35 |
| **Ҳамагӣ:** | **2** | **6** | **6** | **15** | **10** | **30** | **14** | **34** | **6** | **18** | **141** |
| **Минтақаҳои кишвар:** | **8** | | **21** | | **40** | | **48** | | **24** | | **141** |

## 4.3. Чорабиниҳо ҷиҳати муҳофизати зироатҳои кишоварзӣ дар соли 2019

Ҷумҳурии Тоҷикистон табиати мураккаби кӯҳистонӣ дорад. 93% фоизи қаламрави он дар баландии бештар аз 1 000 метр аз сатҳи баҳр воқеъ аст.

Бо сабаби хусусиятҳои табиӣ ва мавқеи ҷойгиршавӣ, Тоҷикистон обу ҳавои бисёр хушк дорад, вале дар фасли баҳор зуд-зуд боришоти шадид, аз ҷумла дар шакли жола мушоҳида мешавад.

Жола як навъи бориши шадид аст ва дар абрҳои ғализи рангашон хокистарӣ ё сиёҳи хокистарӣ, ки қисмати болоии онҳо сафед ва порашуда мебошад, ба вуҷуд меояд.





Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳар сол ба асари бориши жола қариб 1% растаниҳои рӯи Замин талаф мешаванд ва зараре, ки онҳо ба кишварҳои мухталиф мерасонанд наздики 5,2 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Жола на танҳо зироатҳоро талаф медиҳанд, балки метавонад боми автомашинаҳо, хонаҳоро сӯрох ва дар баъзе ҳолатҳо ҳатто одамон ва ҳайвонотро ҳалок намояд.

Мубориза бо жолазанӣ аз роҳи расонидани таъсир ба ҷараёни пайдоиши жола дар абрҳо сурат мегирад. Усули асосии таъсирасонии маснӯӣ ба абрҳои жолаовар ин пешгирии ҷараёни ба вуҷуд омадани донаҳои калони жола мебошад. Бо ин мақсад 15–20 дақиқа пас аз инкишоф ёфтани абрҳои жолаовар ба тарафи онҳо ракетаҳо ё тирҳои тӯпи уфуқӣ, ки ҳомили реагент (нуқраи йоддор, сурби йоддор) мебошанд, парронида мешаванд.

Бо сабаби хусусиятҳои табиӣ ва иқлимӣ эҳтимоли боришоти шадид, ба шумули жола дар Тоҷикистон баланд аст.

Асосан ҳолатҳои боридани жола бештар дар ҳудуди водии Ҳисор ва вилояти Хатлон ба қайд гирифта мешавад ва барои муҳофизати зироатҳои хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои мазкур дастаҳои зидди жолазанӣ ва нуқтаҳои таъсиррасонӣ ташкил шудаанд.

Боришоти жола, инчунин дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ ба назар мерасад, аммо имконияти муҳофизат зироатҳои хоҷагии қишлоқ аз жола вуҷуд надорад.





Маблағи солонаи зарари иқтисодии бориши жола дар ҷумҳурӣ қариб ба 500 млн. доллари ИМА мерасад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти зидди жола соли 1964 барои муҳофизати зироатҳои кишоварзӣ ташкил шуда буд.

Ин вазифа ба дӯши Хадамоти зидди жолаи Кумита вогузор шудааст ва ба қувваи 7 дастаи зидди жола ва 24 нуқтаи таъсиррасонӣ дар ҳудудҳои водии Ҳисор ва вилояти Хатлон амалӣ карда мешавад.

Соли 2019 корҳои зидди жола ва муҳофизати зироатҳои хоҷагии қишлоқ дар ноҳияҳои Данғара, Ёвон, Кӯшониён, Ҷ. Балхӣ, Дӯстӣ ва Хуросони вилояти Хатлон ва дар шаҳрҳои Ҳисор ва Шаҳринави водии Ҳисор дар масоҳати 585 ҳаз. га, аз ҷумла 300 ҳаз. га дар вилояти Хатлон ва 255 ҳаз. га дар водии Ҳисор гузаронида шуданд.

Таҳлили таҷрибаи корҳои зидди жолазанӣ нишон медиҳад, ки ташкилшавии абрҳои жолаовар маъмулан дар моҳҳои апрел–май сурат мегирад.



Соли 2019 мавсими корҳои зидди жола 5 апрел шурӯъ ва 10 июл анҷом ёфт. Ҳамагӣ дар мавсими корҳои зидди жола 90 маротиба (соли 2018 – 119) ба ҷараёни шаклгирии абрҳои жолаовар таъсир расонида шуд, 589 мушаки махсус масраф ва 193 (соли 2018 – 347) минтақаи хатарноки жолаовар безарар гардонида шуд.

Корҳои зидди жолазанӣ муҳофизати самараноки зироатҳои хоҷагии қишлоқро таъмин ва ба иқтисодиёти кишвар фоидаи калон меоранд. Дар соли 2020 Кумита тавсеаи минтақаи корҳои зидди жоларо дар майдони 45 ҳаз. га, аз ҷумла дар шаҳри Ваҳдат – 30 ҳаз. га ва дар шаҳри Шаҳринав – 15 ҳаз. га, инчунини зиёд намудани нуқтаҳои таъсиррасониро аз 24 то 27 адад ба нақша гирифтааст.

Барои иртиқои самаранокии чорабиниҳои зидди жолазанӣ ва муҳофизати зироатҳои кишоварзӣ татбиқи «Лоиҳаи миллӣ оиди идоракунии хатарҳо», ки тавассути Бонки Осиёии рушд маблағгузорӣ мешавад, оғоз ва дар доираи он харидории стансияи радиолокатсионии метеорологӣ ба нақша гирифта шудааст. Ин имкон медиҳад, ки кори Хадамоти зидди жола беҳтар, самаранокии он баланд ва минтақаи муҳофизатшаванда васеъ карда шавад.

## 4.4. Азнавсозии системаи мониторинги Кӯли Сарез

Кӯли Сарез зиёда 100 сол боз вуҷуд дорад ва махзани 17 км³ оби софи нӯшиданӣ мебошад. Захираҳои гидроэнергетикии дарёи Панҷ, мустаҳкамии банди Усой ва Кӯли Сарез яке аз масъалаҳои мубрами даврони муосир мебошад.





Бо мақсади сари вақт огоҳонидани аҳолии водии Бартанги ВМКБ ва нуқтаҳои аҳолинишини воқеъ дар имтидоди дарёи Панҷ, ки ҳангоми рахна шудани банди Кӯли Сарез, дар минтақаи эҳтимолии ғарқшавӣ зиндагӣ мекунанд, бо ибтикори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кумаки молии Бонки умумиҷаҳонӣ, ҳукуматҳои Швейтсария, Америка, Япония ва Хазинаи рушди Оғо Хон соли 2004 дар банди Усой системаи мониторинг ва огоҳсозии пешакӣ насб шуда буд. Дар нуқтаҳои аҳолинишини водии Бартанг, маркази ноҳияи Рӯшон, шаҳрҳои Хоруғ ва Душанбе системаҳои огоҳсозӣ ва алоқаи диапазони КВ, УКВ ва қамарӣ (спутникӣ) гузошта шудаанд. Инчунин, дар маркази ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Ш.Шоҳин, Ҳамадонӣ ва ҷамоатҳои ноҳияҳои мазкур низ системаи иртиботи диапазони КВ гузошта шудааст.

Ҷиҳати гузаронидани мониторинги доимии гидрологӣ, сейсмологӣ ва геологии ҳолати Кӯли Сарез дар банди Усой воситаҳои техникӣ ва таҷҳизоти огоҳсозии пешакӣ насб шудаанд.

Ҳангоми вуқӯи эҳтимолии ҳолатҳои фавқулодда таҷҳизоти мазкур сокинони минтақаҳоеро, ки зери об мемонанд, тавассути воситаҳои иртиботии насбшуда аз таҳдиди хатари рух дода огоҳ менамояд.

Барои аҳолии водии Бартанг, ки дар наздикии маҳали вуқӯи эҳтимолии ҳолати фавқулодда зиндагӣ мекунанд ва бо ин сабаб ҳангоми канда шудани Банди Усой интиқоли онҳо имконнопазир аст, ҷазирачаҳои бехатар ва анборҳои захираи эҳтиётии озуқаворӣ ва амволи заруриятӣ аввалия ташкил шудаанд.



Ҳар сол барои ба ҳолатҳои фақулодда омода намудани аҳолии водии Бартанги ВМКБ муштаракан бо Агентии Оғо Хон оид ба макони зист семинарҳо ва тренингҳо доир карда мешаванд.



Системаи мониторинг ва огоҳсозии пешакӣ, ки 15 сол қабл дар Банди Усой насб шуда буд, барои кормандони Кумита ва сокинони водии Бартанг воситаи муҳими огоҳсозӣ ва иртибот мебошад.



Ҳангоми сар задани ҳолатҳои фавқулодаи маҳдуд дар ин минтақа воситаҳои мазкур борҳо ҷиҳати ташкил ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳои ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ, интиқоли ашхоси эҳтиёҷманд ба кумаки тиббӣ, инчунин гузаронидани дигар корҳои таъхирнопазири таъмир ва барқарорсозӣ истифода шудаанд.

Асбобҳо ва таҷҳизоти системаи мониторинг ва иртибот дар муддати истифодабарӣ амлан зарфиятҳои худро сарф ва зарурияти иваз намудани онҳо ба миён омадаст.

Ба кормандоне, ки системаи иртиботи густаришшавандаро истифода менамоянд зуд-зуд лозим меояд, ки бо идораҳои дигар ҳамкорӣ намоянд.

Дар доираи лоиҳаи «Барномаи миллӣ оид ба идоракунини хатарҳои фалокатҳои ғайриинтизор», ки аз тарафи Бонки Осиёии рушд маблағгузорӣ мешавад, Кумита дар соли 2020 иваз намудани системаи мониторинг ва огоҳсозии пешакӣ, инчунин густариши минтақаи пӯшиши онро то сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар имтидоди дарёи Панҷ–Амударё ба нақша гирифтааст.

Яке аз масъалаҳои асосии сохтани шабакаи иртибот ин ташкили системаҳои модулӣ мебошад, ки тамоми воситаҳои иртиботро дар худ муттаҳид менамоянд. Чунин система метавонад аз ҳисоби пайвастани таҷҳизоти иловагӣ, бидуни иваз намудани сохтори мавҷуди алоқа, таҳким ва тавсеъа ёбад.

Бо истифода аз таҷҳизоти иртиботии мавҷуд ва омезиши он бо системаи мазкур истифодабарандагони он метавонанд ба осонӣ ва зуд нуқтаи фармондеҳии автоматикунонидашуда ташкил диҳанд, фавран иртиботро танзим ва ҳамкориро бо ҷузъу томҳои дигар шурӯъ намоянд.

Дар доираи лоиҳа харидории таҷҳизоти муоссир (марказҳои диспетчерӣ) ба нақша гирифта шудааст.

**Лоиҳаи нақшаи ташкили иртибот**




Системаи мазкур барои идора намудан ва интегратсияи байниидоравии шабакаҳои иртиботи радиоӣ ихтисос ёфтааст.

**Боздиди Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид**
**ҷаноби Антонио Гуттериш аз Кӯли Сарез**





**Боздиди Президенти Иттиҳоди Аврупо ҷаноби Доналд Туск аз Кӯли Сарез**



**Боздиди Президенти Бонки Осиёии Рушд ҷаноби Такехико Накао аз Кӯли Сарез**



## 4.5. Муроқибати фазоии ҳолати кӯлҳои кӯҳӣ, ки хатари рахна шудан доранд

Бо мақсади ташкил ва гузаронидани корҳои муҳофизати аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи вобаста ба зуҳуроти фаромадани ярчҳо, селҳо, тармаҳо ва обхезӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муштаракан бо Агентии обуҳавошиносӣ ва Сарраёсати геологӣ, Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам аз фазо минтақаҳои кӯҳистонии ҷумҳуриро назорат менамояд. Назорати фазоӣ бо мақсади дақиқ намудани ҳаҷми барфи ҷамъшуда, хосияти митақаҳои дорои хатари фаромадани селу тармаҳо, арзёбии ҳолати кӯлҳои хатарноки воқеъ дар кӯҳҳои баланд, инчунин гузаронидани корҳои вобаста ба муроқибат ва пешбинии раванди рушд ва ҳолати гидрометеорологӣ ва геологӣ дар манотиқи мазкур гузаронида мешавад.

Бояд қайд кард, ки рахна шудани банди кӯлҳое, ки дар натиҷаи рехтани сангу хок, тармаҳо ва яххо дар дарёҳои воқеъ дар манотиқи баландкӯҳ пайдо шудаанд аҳёнан ба назар мерасад, вале дар натиҷаи канда шудани ин бандҳо селҳое пайдо мешаванд, ки бениҳоят хатарнок ва харобиовар мебошанд.

Бо мақсади татбиқи Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда ва қарорҳои маҷлиси мушовараи КҲФ ва МГ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВҲФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 28 сентябри соли 2019, назорати фазоии ҳавзаи дарёи Шинг (кӯлҳои Марғзор, ки хатари рахнашавӣ доранд) ташкил ва гузаронида шуд.

Назорати фазоӣ тавассути гурӯҳи кории байниидоравии муштарак, ки дар таркиби он мутахассисони Кумита, Агентии обуҳавошиносӣ ва Сарраёсати геологӣ, Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВҲФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Узгидромет ва Кумитаи давлатии геологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон шомил буданд, бо истифода аз чархболи Ми-8 сурат гирифт.

Ин нахустин назорати муштараки фазоии кӯлҳои хатари рахнашавӣ дошта аз тарафи мутахассисони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон буд, ки пас аз имзо шудани Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда ташкил шуд.




**Иштирокчиёни назорати фазоии ҳавзаи дарёи Шинг пеш аз парвоз**

Назорат фазоӣ бо мақсади арзёбии ҳолати марзи барфи мавсимӣ, бандҳо ва саддҳо, роҳҳо ва маҷроҳои хориҷ шудани об аз кӯлҳо, инчунин пайдо намудани нишонаҳои эҳтимолии хатари фаромадани селҳо дар ҳавзаи дарёи Шинг гузаронида шуд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар ҳолати рахна шудани кӯлҳои баландкӯҳи ҳавзаи дарёи Шинг обхезӣ ва селҳо ба вуҷуд меоянд ва ба дарёи Зарафшон мерезанд ва минбаъд ба вориди қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон шуда метавонанд ба ҳудудҳои наздимарзии кишвари ҳамсоя зарари қобили мулоҳиза бирасонанд.

Масири парвоз, ки 28 сентябри соли 2019 сурат гирифт, муоинаи ҳавзаи бағалии шохоби дарёи Зарафшон – дарёи Шингро (Моғиёндарё) пешбинӣ менамуд.

Мавзеъи муоинаи кӯлҳо дар қисмати шимолӣ-ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар нишебиҳои шимолии силсилакӯҳи Ҳисор, дар баландии аз 1600 м (кӯли Нижгон) то 2400 м (кӯли Ҳазорчашма) аз сатҳи баҳр воқеъ мебошад.

Кӯлҳо дар ҳавзаи дарёи Шинг, шохоби тарафи рости дарёи Моғиёндарё (Зарафшон) воқеъ мебошанд ва ин минтақа бештар бо номи «Кӯҳҳои Фон» маъруф аст.

Ҳангоми парвоз таваҷҷӯҳи асосӣ ба назорат ва муоинаи фазоии ҳавзаи бағалии шохоби дарёи Зарафшон – дарёи Шинг равона шуда буд.

**Натиҷаҳои асосии муоинаи ҳавоӣ:**

Маҷмӯи кӯлҳои воқеъ дар ҳавзаи дарёи Шинг аз 12 кӯли пайдоишашон мухталиф иборат аст. 7 кӯл дар натиҷаи рехтани сангу хок ва баста шудани маҷрои дарёи Шинг ва 5-тои онҳо дар ҷои пиряххои обшуда пайдо шудаанд.

Кӯли Нежгон дар баландии 1600 м аз сатҳи бахр воқеъ аст ва дар натиҷаи рехтани сангу хок пайдо шудааст. Ҳаҷмаш қариб 380 ҳаз.м$^3$, дарозиаш 600 м, бараш то 100 м аст. Дар рӯзи муоина сатҳи об то 1–2 м поинтар аз сатҳи обҳои баланд (СОБ) буд. Бандаш мустаҳкам аст. Ихроҷи об қариб 7 м$^3$/с аз болои банд ва қисман аз тариқи сӯрохиҳои банди он сурат мегирад. Хатари рахна шудан надорад.

Кӯли Соя, дар баландии 1700 м аз сатҳи бахр воқеъ аст. Ҳаҷман чандон калон нест, дарозиаш 620 м, васеъгиаш 113 м аст. Ихроҷи об тахминан ба 6,5 м$^3$/с баробар аст. Сатҳи об то 6 м поинтар аз СОБ аст. Ихроҷи об ба таври полоиш аз тариқи сӯрохиҳои банд сурат мегирад. Нишонаҳои шуста шудани банд ба назар нарасиданд. Хатари рахна шудан надорад.

Кӯли Гушор дар баландии 1700 м аз сатҳи баҳр воқеъ аст, ҳаҷмаш қариб 730 ҳаз. м$^3$, дарозиаш 200 м, васеъгиаш 80 м аст ва дар натиҷаи рехтани сангу хок пайдо шудааст. Дар болои банд буттаҳо ва дарахтони арча мушоҳида мешаванд.



**Масири муроқибати фазоӣ**

Ихроҷи об аз кӯл ба тариқи ҷорӣ шудан аз болои банд сурат мегирад. Сатҳи об то 1 метр камтар аз СОБ аст. Ҳолати банд мустаҳкам аст, осори шуста шудани он ба назар нарасид.

Кӯли Нофин, дар баландии 1780 м аз сатҳи баҳр воқеъ аст, ҳаҷми обаш – 4760 ҳаз. $м^3$, дарозиаш – 2750 м, васеъгиаш – 180 м аст. Дар рӯзи муоина сатҳи оби он то 4 м поинтар аз СОБ буд. Ихроҷи об бо роҳи таровиш аз тариқи банди он сурат мегирад. Ҳолати бандаш мустаҳкам аст. Дар қисмати резиши дарёчаи Рашнаболосой ба кӯли Нофин махрути боқимондаҳои сел ба назар мерасад.

Кӯли Падруд, дар баландии 2080 м аз сатҳи баҳр воқеъ аст, ҳаҷми оби он ҳангоми пур буданаш 90 ҳаз. $м^3$-ро ташкил медиҳад. Кӯл дар натиҷаи рехтани сангу хок пайдо шудааст. Ҳаҷман чандон калон нест, дарозиаш – 150 м, васеъгиаш – 50 м аст. Сатҳи обаш то 1 м поинтар аз СОБ аст. Ихроҷи об аз болои банди кӯл сурат мегирад. Банди кӯл мустаҳкам аст ва хатари рахна шудан надорад.

Кӯли Марғзор, дар баландии 2140 м аз сатҳи баҳр воқеъ аст, дар натиҷаи рехтани сангу хок пайдо шудааст. Ҳаҷми кӯл қариб – 25300 ҳаз. $м^3$, дарозиаш – 2650 м, васеъгиаш – 420 м. аст. Аз рӯи ҳаҷми худ ин кӯл дар гурӯҳи кӯлҳои Марғзор бузургтарин мебошад. Сатҳи обаш ҳангоми муоина ба андозаи 8–10 м поинтар аз СОБ буд. Ихроҷи об бо роҳи таровиш аз тариқи банди он сурат мегирад. Дар баданаи банд осори шуста шудан дида намешавад. Ҳолати бандаш мустаҳкам аст, хатари канда шуданаш ҳангоми парвоз баназар нарасид.

Кӯли Ҳазорчашма, дар иртифои 2400 м аз сатҳи бахр воқеъ аст, дар натиҷаи рехтани сангу хок пайдо шудааст. Ҳаҷми кӯл қариб – 25100 ҳаз. $м^3$, дарозиаш – қариб 2050 м, васеъгиаш то 400 м аст. Ихроҷи об аз кӯл бо роҳи таровиш аз тариқи банд сурат мегирад. Сатҳи об дар Ҳазорчашма дар нуқтаи 1 м поинтар аз СОБ қарор дошт. Ҳолати бандаш устувор аст ва хатари рахна шудан надорад.



**Мавқеияти кӯлҳои Марғзор дар ҳавзаи дарёи Шинг**

Оид ба натиҷаи муоинаи фазоии ҳолати кӯлҳои баландкӯҳи ҳавзаи дарёи Шинг мутахассисони тоҷик ва ӯзбек гузориши муштарак таҳия намуданд, ки дар он хулосаҳои зерин мавҷуданд:

– маҷмӯи кӯлҳои ҳавзаи дарёи Шинг бинобар он, ки нисбатан танзим мешаванд, дар рӯзи муоина хатари рахна шудан надошт.

Вале кӯлҳои яхини болооби ҳавзаҳои дарёи Шинг – Дарахти сурх ва Караган, бидуни шарт, ҳангоми обшавии босуръати қабати барф дар минтақаи глятсиалӣ ба назорат зарурият доранд;

– поинтар аз кӯлҳои воқеъ дар дарёҳои Шинг ва Моғиёндарё осори гузаштани селобҳо дар солҳои пешин, инчунин шуста шудани баъзе ҳиссаҳои роҳҳои автомобилгард ва хатҳои интиқол барқ дар назди дарё ба назар расид;

– сарфи назар аз вазъияти нисбатан ором ва собит аз лиҳози хатари рахна шудани кӯлҳо ва ба вуҷуд омадани маҷрои селҳо, гузаронидани муоинаи ҳавзаи дарёи Шинг дар давраи то ҳадди аъзами пур шудани кӯлҳо (июл–август) ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

# V. ЧОРАБИНИҲО ОИД БА МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 5.1. Чорабиниҳо ҷиҳати ба МГ омода намудани аҳолӣ, иқтисодиёт ва қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мудофиаи гражданӣ вазифаи муҳими давлат аст ва ҳадафи он муҳофизати аҳолӣ, сарватҳои миллӣ ва қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ дар замони осоишта ва давраи ҷанг мебошад.

Кумита, ҳамчун мақоми масъул ва ҳамоҳангсози татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи мудофиаи гражданӣ, ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳодисаҳои фавқулодда чорабиниҳоро таҳия ва муштаракан бо идораҳо ва мақомоти дигари ҷумҳурӣ татбиқ ва инчунин аҳолии кишварро ба ҲФ ва МГ омода менамояд.

Иҷрои сарвақтӣ ва босифати чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ, иншооти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳудуди ҷумҳурӣ гарави бехатарии миллӣ ва субот дар шароити ҳолатҳои фавқулодда дар замони осоишта ва давраи ҷанг мебошад.

Бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои мазкур ҳар сол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сарвари мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Э. Раҳмон, Нақшаи чорабиниҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба мудофиаи гражданӣ, аксуламал, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда тасдиқ менамояд.

Мутобиқи нақшаи чорабиниҳои асосии соли 2019 дар вазоратҳо ва идораҳои ҷумҳурӣ, инчунин дар вилоятҳо, ш.Душанбе ва ноҳияҳои тобеъи марказ санҷишҳои маҷмӯии ҳолати омодагии онҳо ба мудофиаи гражданӣ, масъалаҳои ташкил ва истифодаи захираҳои моддӣ барои ҳолатҳои фавқулодда, омодасозии аҳолӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва фаъолияти Низоми воҳиди давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда гузаронида шуданд.

Бо мақсади омодасозии комиссияҳои ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо ҳолати омодагии онҳо санҷида шуд, инчунин машқҳои маҷмӯӣ дар зерсистемаҳои Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ ва аксуламал ба фалокатҳои табиӣ дар ш.Хоруғи ВМКБ, ноҳияҳои Панҷ ва Кӯшониёни вилояти Хатлон, ноҳияҳои Шаҳринав, Файзобод ва ноҳияи Фирдавсии ш.Душанбе гузаронида шуданд.



24–26 августи соли 2019 бо иштироки намояндагони комиссияҳои дахлдор, мақомоти давлатӣ ва сокинони нуқтаҳои аҳолинишини воқеъ дар мавзеи Кӯли Сарез дар мавзӯи «Огоҳонидани аҳолии ноҳияҳои Рӯшон, Ванҷ ва Дарвози ВМКБ ҳангоми рахнашавии эҳтимолии банди Усой дар водии Бартанг» тренинг гузаронида шуд.



Дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Гулистони вилояти Суғд машқҳои маҷмӯии минтақавии вилоятӣ дар мавзӯъи «Фаъолияти ҳайати роҳбарикунанда, қувваҳо ва воситаҳои мудофиаи граждан ва Низоми воҳиди давлатӣ ҳангоми рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ» гузаронида шуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониш ва омодагии ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар ноҳияи Леваканти вилояти Хатлон ва ноҳияи Лахш машқҳои маҷмӯӣ оид ба мудофиаи гражданӣ дар мавзӯи «Фаъолияти ҳайати роҳбарикунандаи мудофиаи гражданӣ ҳангоми гузаштан аз замони осоишта ба давраи ҷангӣ» доир шуданд.



Бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ дар соли 2019 як қатор тренингҳо оид ба масъалаҳои ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ ташкил шуданд. Аз ҷумла, 3–4 июли соли 2019 дар Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумита машқи саҳроӣ дар мавзӯъи «Омодагӣ ва аксуламал ба ҳолатҳои фавқулоддаи вобаста ба омадани оммавии гурезаҳо» бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ баргузор гардид.

Муштаракан бо 25 вазорат ва идораи шомили Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда ва иштироки созмонҳои байналмилалии дахлдори муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14 октябри соли 2019 машқи саҳроӣ оиди рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ дар мавзӯи: «Фаъолиятии мақоми идоракунанда, қувваҳо ва воситаҳои аъзои Низоми воҳиди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда» гузаронида шуд.



Дар Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методӣ мутахассисони Сарраёсати мудофиаи гражданини Кумита ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониш ва малакаҳои мутахассисони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ дар соҳаи ҲФ ва МГ ҳар семоҳа машғулиятҳо ташкил менамоянд.

Дар соли 2019 бо мақсади омодасозии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ 17 машқи маҷмӯӣ, 48 машқи фармондеҳӣ-ситодӣ, 101 машқи тактикии махсус, 86 машқи ситодӣ, 1782 машқ дар муассисаҳои таълимоти умумӣ ва махсус – «Рӯзи мудофиаи гражданӣ» ва 48 тамрини таълимӣ доир карда шуд.

Маҷмӯан, дар чорабиниҳои мазкур зиёда аз 1575 ҳазор нафар сокинони кишвар ширкат варзиданд.



## Омӯзонидан ва омода намудани дастаҳои ғайринизомии МГ

Бо мақсади татбиқи муқаррароти асноди меъёрӣ-ҳуқуқии марбут ба омодасозии тамоми қишрҳои аҳолӣ ба ҲФ ва МГ, Кумита ҳар сол барои ҳайати роҳбарикунандаи МГ машғулиятҳои таълимӣ ва амалӣ, тренингҳо ва машқҳо доир менамояд.

Дар соли 2019 дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо машғулиятҳои дахлдори таълимӣ-методӣ ва тренингҳои омӯзишӣ ҷиҳати омодасозии мақомоти идоракунанда, қувваҳо ва воситаҳои МГ ва ҲФ, раисони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташкил ва гузаронида шуданд.





## Чорабиниҳои ташкилӣ-сафарбаркунонии МГ

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷангӣ ва сафарбарии мудофиаи гражданӣ нақшаҳои чорабиниҳо оид ба омодагӣ ҷиҳати сафарбаркунонӣ, феҳристи асноди зарурӣ барои ба ҳолати сафарбарии ҷангӣ овардани Дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохтории Кумита таҳия шудаанд.

Дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохторӣ ва қисмҳои низомии Кумита дар соли 2019 муштаракан бо сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ бо мақсади баланд намудани сатҳи омодагии ҷангӣ ва сафарбарии худ дар машқҳои тактикии махсус ва мудофиавии стратегӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ фаъолона иштирок намуданд.

## 5.2. Омӯзонидани аҳолӣ дар заминаи Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумита

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Кумита тайёр намудан ва омӯзонидани аҳолӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии омӯзонидани аҳолӣ дар соҳаи МГ ва муҳофизати он аз ҳолатҳои фавқулодда ин фаро гирифтани усулҳои муҳофизат аз садамаҳо, фалокатҳо, офатҳои табиӣ ва хатарҳое, ки ҳангоми гузаронидани амалиётҳои ҷангӣ ва ё ба асари ин фаъолиятҳо сар мезананд, тартиби амалкард ҳангоми шунидани бонги хабардоркунӣ, усулҳои расонидани кумаки аввалини тиббӣ, қоидаҳои истифодабарии воситаҳои муҳофизати дастаҷамъӣ ва инфиродӣ, такомули малакаҳои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои МГ ва муҳофизат аз ҲФ, маъмул гардонидани маҳорату малакаи гузаронидани корҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ, ёд гирифтани ҳайати шахсии ташкилотҳои ғайринизомии мудофиаи гражданӣ шаклҳо ва усулҳои фаъолиятро ҷиҳати муҳофизати аҳолӣ, арзишҳои моддӣ ва фарҳангӣ дар шароити ҲФ мебошад.

Омӯзиши аҳолӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ» аз 28 феврали соли 2004 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳо дар бораи омодасозии аҳолӣ ба фаъолият ҳангоми ҲФ» аз 31 августи соли 2009 ва асноди дигари танзимкунандаи фаъолияти Кумита амалӣ карда мешавад.

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №547 аз 29 ноябри соли 2017 Маркази таълимӣ-методии Кумита ба Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методӣ (минбаъд – Марказ) табдил дода шуд. Марказ аҳолии ҷумҳуриро дар соҳаи ҲФ ва МГ тайёр ва меомӯзонад. Мутобиқи Қарори мазкур курсҳои вилоятӣ оид ба ҲФ ва МГ ба марказҳои таълимӣ-методӣ табдил дода шуданд.

Бинои нави маъмурии Марказ моҳи октябри соли 2018 бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо кумаки молии билоивази Ҳукумати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар доираи ҳамкориҳо байни Кумита ва Маркази башардӯстона ва ёрии фавқулоддаи Шоҳ Салмон сохта ва ба истифода дода шуд.

**Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумита**



**Таҷҳизоти Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумита**





























Дар бинои сеошёнаи Марказ синфхонаҳои махсусгардонидашуда оид ба асосҳои муҳофизати аҳолӣ, тиббӣ-равоншиносӣ, таълимӣ-методӣ, тайёрии оперативӣ-тактикӣ, ташхисгоҳ, китобхонаи муҷаҳҳаз бо воситаҳои электронӣ ва аёнӣ, компютерҳо, таҷҳизоти лингафонӣ, инчунин маҷлисгоҳи муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти тарҷумаи ҳамзамон, толори варзишӣ, майдони варзишӣ, ошхона ва меҳмонхона мавҷуд мебошад.

Ҷиҳати такомули фаъолияти Марказ дар сохтори он тағйирот ворид карда шуд ва шуъбаи таълимӣ-методӣ, шуъбаи кор бо марказҳои вилоятӣ ва курсҳои минтақавӣ, шуъбаи тайёрии махсус ва шуъбаи хоҷагидорӣ таъсис ёфтанд.

Марказ ба машғулиятҳои назариявӣ, ки дар рафти онҳо шунавандагон дониши худро дар соҳаи ҲФ ва МГ васеъ ва такмил медиҳанд, таваҷҷӯҳи хос зоҳир менамояд.

Нақшаҳои таълимӣ-методии Марказ, марказҳои вилоятӣ ва курсҳои минтақавии Кумита дар соли 2019 омӯзонидани 8697 нафарро, аз ҷумлаи 11 категорияи аҳолиро пешбинӣ намуда буданд, вале амалан 7 131 нафар дар онҳо таҳсил намуданд.

Марказ ва воҳидҳои минтақавии он дар соли 2019 омӯзонидани ҳайати роҳбарикунандаи вазоратҳо ва идораҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, намояндагони мактабҳои олӣ, коллеҷҳо ва литсейҳо, инчунин муассисоти мактабӣ ва томактабиро ташкил намуданд. Машғулиятҳо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониш ва лаёқати шунавандагон оиди идоракунӣ, коркард ва дуруст ба нақша гирифтани чорабиниҳои пешгирикунанда ва рафъи оқибатҳои ҲФ гузаронида шуданд.



Гузаронидани машғулиятҳои сафарӣ дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои кишвар ба таври васеъ таҷриба карда мешавад.

Самаранокии кори омӯзонидани аҳолӣ дар соҳаи муҳофизат аз ҲФ ва МГ ба сифати нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ,

**Омӯзонидани аҳолӣ дар соли 2019**



тавсияҳои таълимӣ-методӣ ва василаҳои омӯзишӣ, ки барои категорияҳои мухталифи шунавандагон таҳия шудаанд, вобаста мебошад.

Дар соли 2019 мутахассисони Марказ як қатор дастурамалҳо, барномаҳо, василаҳои омӯзишӣ ва таълимӣ-методӣ таҳия намуданд, ки дар раванди таълимӣ фаъолона истифода мешаванд. Аз ҷумла:

– Барнома оид ба ҳолатҳои фавқулодда тайёр намудани ҳайати роҳбарикунанда;
– Барнома оид ба омӯзонидани афсарон ва прапоршикҳое, ки ҷадидан дар ҷузъу томҳои Кумита ба хизмат пазируфта шудаанд;
– Барнома оид ба баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбии афсарони Кумита.

Барои истифода намудан дар раванди таълимӣ бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ маводи таълимӣ-методӣ, дастурамалҳо, рисолаҳо, китобчаҳо бо мувофиқаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва ба андозаи кофӣ нашр шудаанд.

Дар соли 2019 дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ дар заминаи Марказ 12 чорабинии вобаста ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании ташкил ва гузаронида шуд.

Дар Маказ курсҳои омодасозии ибтидоии кормандони ҷадидан ба хизмат пазируфташудаи Кумита ташкил шудаанд. Пас аз хатми курси таълимӣ ба шунавандагон асноди тасдиқкунандаи дахлдор – шаҳодатнома ва ё сертификат дода мешавад.



Ҳамзамон бо омодасозии ҳайати роҳбарикунандаи МГ, дар тӯли соли 2019 курсҳои омӯзишӣ барои афсарони ҷавон ва машғулиятҳо барои намояндагони вазоратҳо ва идораҳо, донишҷӯёни Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир шуданд.

**Машғулиятҳои таълимӣ бо ҳайати раҳбарии мақомоти идоракунанда**







**Машғулиятҳои таълимӣ бо ҳайати раҳбарии мақомоти идоракунанда**







**Машғулиятҳои таълимӣ бо афсарони ҷавони КҲФ ва МГ**







## 5.3. Фаъолияти қӯшунҳои мудофиаи гражданӣ ҳангоми рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ

Қӯшунҳои мудофиаи гражданӣ (минбаъд – ҚМГ) асоси қувваҳои мудофиаи гражданиро ташкил медиҳанд. Онҳо вҳиди низомӣ мебошанд ва барои ҳаллу фасли вазифаҳои мудофиаи гражданӣ ихтисос ёфтаанд.

ҚМГ аз лаҳзаи эълон шудани ҳолати ҷангӣ, оғози амалётҳои ҳарбӣ, инчунин дар замони осоишта ҳангоми вуқӯи офатҳои табиӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии аҳолӣ ва муассисоти ҳаётан муҳими кишвар таҳдид ва зарурияти гузаронидани корҳои наҷотдиҳӣ ва таъхирнопазири дигарро тақозо менамоянд, ба татбиқи вазоифи ба дӯши онҳо вогузоршуда, шурӯъ мекунанд.

Фаъолияти ҚМГ-ро мустақиман Раиси Кумита роҳбарӣ мекунад.

Дар соли 2019 ҚМГ мукарраран дар чорабиниҳои вобаста ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ширкат намуданд.

Ҳайати шахсии ҚМГ соли сипаришуда дар кори рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ дар деҳаи Оби Шифои ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоъати Ортиқи ш.Конибодоми вилояти Суғд, ноҳияҳои Восеъ, Панҷ ва Хуросони вилояти Хатлон саҳми фаъол гирифтанд.

Низомиёни ҚМГ ба аҳолии зарардида кумаки саривақтӣ расонида дар интиқоли аҳолӣ, амвол ва ҳайвоноти хонагии онҳо иштирок намуданд.

**Иштироки қӯшунҳои мудофиаи гражданӣ дар рафъи оқибати офатҳои табиӣ**











Инчунин ба дӯши ҚМГ вазифаи муҳими вобаста ба ошкор, безарар ва маҳв намудани муҳимоти ҷангӣ, ба шумули бомбаҳои авиатсионӣ ва дигар ашёи хатарноки тарканда вогузор шудааст.

Дар соли 2019 низомиёни ҚМГ, пас аз сипарӣ намудани курсҳои омӯзишӣ оид ба безараргардонии минаҳо дар Маркази миллии фаъолияти зидди минаҳо, дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон чорабиниҳои аз минаҳо ва муҳимоти нотаркида пок намудани заминҳоро амалӣ намуданд.

Зимни сафари хизматӣ низомиёни ҚМГ 82 257 метри мураббаъ заминро муоина ва муҳимоти ҷангии зеринро ошкор ва безарар гардониданд:

- минаи навъи ПМН – 6 дона;
- минаи навъи ПФМ-1 – 360 дона;
- минаи навъи ОЗМ – 9 дона;
- тротилл – 1200 гр;
- тири РПГ-7 – 1 дона.

Аз соли 2016 то 2019 маҷмӯъан 288 693 метри мураббаъ замин муоина ва муҳимоти зерини ҷангӣ ошкор ва безарар шудаанд:

- минаи навъи ПФМ-1 – 844 дона;
- минаи навъи ПОМ – 11 дона;
- минаи навъи ОЗМ – 9 дона;
- минаи навъи МЛ-7 – 5 дона;
- минаи навъи ПМН – 6 дона;
- тири РПГ-7 – 3 дона;
- ВОГ-17 – 63 дона;
- тири тӯпи 82 мм – 2 дона;
- тири тӯпи 120 мм – 1 дона;
- тири 5,45 мм – 443 дона;
- тири 7,62 мм – 266 дона;
- тротилл – 1800 гр.





## Иштироки қӯшунҳои мудофиаи граждани дар тамринҳо ва машқҳо





## Қабули Савганди низомӣ дар қисмҳои ҳарбии КҲФ ва МГ







**Бозсозӣ ва тармими биноҳо ва иншооти қисмҳои ҳарбии КҲФ ва МГ**













# VI. КОРҲОИ ҶУСТУҶӮЙӢ-НАҶОТДИҲӢ

## 6.1. Натиҷаҳои фаъолияти хадамоти ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳии Кумита дар соли 2019

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Кумита ташкил ва гузаронидани корҳои садамавӣ ва наҷотдиҳӣ дар минтақаҳои вуқӯи ҲФ табиӣ ва техногенӣ мебошад.

Бо мақсади наҷот додани одамон, арзишҳои моддӣ ва фарҳангӣ, муҳофизати муҳити атроф дар минтақаи ҲФ, маҳдуд намудан ва рафъи оқибати онҳо, дар сохтори Кумита Раёсати хадамоти махсусгардонидашудаи ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ таъсис ёфтааст.



Дар сохтори Раёсат дастаҳои наҷотдиҳӣ аксуламали сареъ дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон, Суғд, ш.Душанбе, минтақаҳои Рашт, Кӯлоб ва ноҳияи Айнӣ шомил мебошанд.

Наҷотдиҳандагони Кумита дар соли 2019 – 743 маротиба ҷиҳати анҷоми корҳои ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ озими мавзеъҳои вуқӯи ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ шуданд.

Дар ҷараёни гузаронидани корҳои ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ дар соли 2019 миқдори 235 нафар одам наҷот дода шуд, аз ҷумла, ҳангоми гузаронидани корҳои зериобӣ ва рӯиобӣ – 54 нафар, фаромадани тармаҳо – 17 нафар, садамаҳои нақлиётӣ – 28 нафар ва ҳодисаҳои дигар – 23 нафар.

Бо мақсади аксуламали сареъ ба офатҳои табиӣ ва техногенӣ ва расонидани кумаки саривақтӣ ба осебдидагон дар шоҳроҳҳои байналмилалӣ дар самтҳои Душанбе–Хуҷанд, дар минтақаи Майхӯра 62 км), нақби Истиқлол (72 км) ва шоҳроҳи Душанбе–Хоруғ дар ҳудуди ноҳияи Ванҷ (457 км) аз ҳисоби кормандони воҳидҳои ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳии Кумита посгоҳои сайёри бехатарӣ ташкил шуда буданд. Наҷотдиҳандагони Кумита аз мавзеъҳои хатарнок 280 мусофирро ба ҷойҳои бехатар интиқол доданд.



Посгоҳҳои сайёр бо автомашинаи садамавӣ-наҷотдиҳӣ, маҷмӯаи таҷҳизот ва афзори махсус барои ҷустуҷӯ ва наҷоти одамон ҳангоми фаромадани тармаҳо, инчунин афзорҳои гидравликии садамавӣ-наҷотдиҳӣ барои рафъи оқибати садамаҳои нақлиётӣ муҷаҳҳаз буданд. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда дар соли 2019 ҳолатҳои ҳалокати ронандагон ва мусофирон дар мавзеъҳои мазкури шоҳроҳҳо ба қайд гирифта нашуданд.

Наҷотдиҳандагони Кумита, инчунин чорабиниҳои садамавӣ-наҷотдиҳиро дар махзанҳои об, дарёҳо ва наҳрҳо амалӣ намуданд.





Дар соли 2019 наҷотдиҳандагони Кумита 169 маротиба ҷиҳати гузаронидани корҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ озими махзанҳои об, дарёҳо ва наҳрҳо шуданд. Дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ дар зер ва рӯи об 54 нафар одам наҷот ва ҷасади 79 тан ғарқшуда аз об берун оварда шуд. Инчунин 9 автомашина аз об берун кашида ва 14 нафар мусофир наҷот дода шуд.



Наҷотдиҳандагони Кумита дар кори бартараф намудани оқибатҳои обхезиҳо ва фаромадани ярчҳо, инчунин ҷустуҷӯ ва интиқоли кӯҳнавардон, саёҳон ва шаҳрвандони дигар, ки дар кӯҳҳои баланд гирифтори шароити ногувор шуда буданд, саҳми фаъол гирифтанд.

Аз ҷумла, 13 март дар ҷамоати Ваҳдати шаҳраки Леваканти вилояти Хатлон ҳангоми ҷамъоварии алафҳои баҳорӣ як сокини маҳаллӣ ба ғори чуқур афтод ва шадидан маҷрӯҳ гардид. Гурӯҳи наҷотдиҳандагони Кумита ҷабрдидаро аз ғор берун ва ба беморхонаи маҳаллӣ интиқол дод.

21 июн сокини ноҳияи Шаҳринав ҳангоми ҷамъоварии растаниҳои шифобахш дар кӯҳҳои Қаратоғ аз баландӣ афтид ва сутунмӯҳрааш лат хӯрд. Дар натиҷаи корҳои ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ осебдида ба шифохонаи ноҳияи Шаҳринав интиқол ёфт.

10 август наҷотдиҳандагони Кумита аз баландии 5300 м саёҳи бемор аз Ҷумҳурии Чехро ба деҳаи Қароқули ноҳияи Мурғоб ва минбаъд ба ш.Душанбе интиқол доданд.

17 сентябр чаҳор нафар саёҳ аз кишвари Исроил тавассути наҷотдиҳандагони Кумита ва дастаи наҷотдиҳии Агентии Оғо Хон оид ба Хабитат аз баландии 4200 м ба ш.Хоруғ интиқол ёфтанд.



22 сентябр наҷотдиҳандагони Раёсати Кумита дар вилояти Суғд ҷиҳати наҷоти ду нафар саёҳ аз Россия, ки дар кӯҳҳои Фон гум шуда буданд, амалиёти ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ гузарониданд. Саёҳон ёфт ва пойгоҳи саёҳон интиқол дода шуданд.



## Иштироки дастаҳои наҷотдиҳӣ дар мусобиқот ва машқҳо

Ҳайати шахсии Хадамоти махсусгардонидашудаи ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳии Кумита доимо малака ва маҳорати касбии худро сайқал медиҳад. Мунтазам машғулиятҳои омӯзишӣ-тамринотӣ ва мусобиқаҳо ташкил карда мешаванд. Наҷотдиҳандагони беҳтарин, бо дарназардошти натиҷаҳои мусобиқоти ҷумҳуриявӣ, ба мусобиқаҳо ва машқҳои байналмилалӣ фиристода мешаванд.

Аз ҷумла, 9–21 сентябр наҷотдиҳандагони Кумита дар машқҳои байналмилалӣ «GOBI WOLF 2019» дар Муғулистон ширкат варзиданд.



24–25 сентябр наҷотдиҳандагон дар машқи «Ҳамкории мақомоти идоракунанда, қувваҳо ва воситаҳои Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳангоми вуқӯъи ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ дар ҳудуди вилояти Боткенти Ҷумҳурии Қирғизистон» саҳм гирифтанд.



Инчунин наҷотдиҳандагон дар машқҳои нақшавӣ, ситодӣ ва тактикии махсус оид ба мудофиаи граждании дар вазоратҳо, идораҳо, муассисоти таълимӣ ва корхонаҳои ҷумҳурӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Муштаракан бо Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусобиқоти ҷумҳуриявии бисёрҳарба дар байни дастаҳои ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳии КҲФ ва МГ назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд.

Аз ҷумла, аз 2 то 7 август дар ш.Гулистони вилояти Суғд 13-умин мусобиқоти ҷумҳуриявии бисёрҳарба дар байни дастаҳои ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳии КҲФ ва МГ баргузор гардиданд ва дар онҳо 8 тим дар намудҳои «Корҳои ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ дар муҳити табиӣ», «Корҳои ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ дар муҳити техногенӣ», «Корҳои ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳии ғаввосӣ» ва маҷмӯъи машқҳои қувватӣ иштирок намуданд.

## Муҷаҳҳаз намудани хадамоти ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ

Бо мақсади татбиқи Барномаи рушди Кумита барои солҳои 2018–2022 ба такмули низоми пешгирӣ ва рафъи ҲФ ва таҷҳизи хадамоти наҷотдиҳӣ бо техника ва таҷҳизоти муоссир таваҷҷӯҳи хос мабзул мегардад.

Аз ҷумла, дар соли 2019 Кумита воситаҳои техникӣ ва амволи зеринро дарёфт намуд:

- таҷҳизот ва асбобу анҷоми ғаввосӣ;
- афзорҳои гидравликии ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ;
- таҷҳизоти ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ;
- таҷҳизот барои озмоишгоҳи кимёвӣ-радиометрӣ;
- нақлиёти автомобилӣ ва техникаи махсуси инженерӣ.

## Наклиёти автомобилӣ ва техникаи махсуси инженерӣ



Автомашина ҷиҳати интиқоли гурӯҳи кормандон дар заминаи Урал



Автомашина барои интиқоли одамон



Автомашинаи УАЗ Пикап



Автомашинаи ҳарҷогард



Автомашинаи ёрии тиббӣ дар заминаи TOYOTA LAND CRUISER 78



Квадросикл



Экскаватори навъи TX 210 YMZ 534



Крани автомобилӣ



Булдозери навъи YMZ-TM10.11



Трактори борбардори худкори навъӣ LW 500 FV



Автомашинаи трейлер дар заминаи Урал



Крани автомобилии борбадори навъи XCMG





**Катер**

**Скутер**





**Дастгоҳҳои парвозкунандаи бесарнишин**






**Квадрокоптер**

**Дастгоҳи ҷустуҷӯйи наҷотдиҳандагон**




Навигатор




Телефони қамарӣ



Дастгоҳи алоқа



Таҷҳизоти ғаввосӣ





Бурҷҳои рӯшноӣ



Домкрати ҳавоӣ



Таҷҳизоти гидравликӣ






Таҷҳизоти гидравликӣ
(домкрати ҳавоӣ)




Таҷҳизоти гидравликӣ
(домкрати ҳавоӣ)



Лебёдка то 5 тонн

# VII. ЧОРАБИНИҲО ҶИҲАТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ОГОҲИИ АҲОЛӢ ДАР СОҲАИ ПЕШГИРӢ ВА РАФЪИ ҲФ

## 7.1. Чорабиниҳои таблиғотӣ ва тавзеҳотӣ дар соҳаи муҳофизати аҳолӣ аз ҲФ

Масъалаи таъмини бехатарии фаъолият ва зиндагии аҳолӣ бениҳоят муҳим аст, чунки ҳар як инсон мӯҳтоҷи муҳофизат аз ҳолатҳои фавқулодда мебошад. Маълумоти омории солҳои охир нишон медиҳад, ки бо сабаби тағйирёбии иқлим ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ бештар, васеътар ва харобиовартар шудаанд. Дар заминаи тағйирёбии иқлим ва зиёд шудани теъдоди ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ, масъалаи огоҳсозии аҳолӣ, баланд намудани маълумотнокии он дар мавриди ҲФ, таблиғот ва тавзеҳот арзиши бештар касб ва ҳиссаи муҳим ва таркибии фаъолияти Кумитаро ташкил медиҳанд.

Ба манзури ҳаллу фасли ин вазифаҳо Кумита дар соли сипаришуда бо мақомоти идоракунандаи шомили Низоми воҳиди давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҲФ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамкории доимӣ менамуд.

Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои таблиғотӣ ва тавзеҳотӣ дар байни аҳолӣ ба масъалаҳои саҳеҳӣ, қобили фаҳм ва фаврӣ будани иттилооти пешниҳодшаванда аҳамият дода мешуд.



Дар соли 2019 бо мақсади додани тавзеҳот ва огоҳсозии аҳолӣ дар соҳаи ҲФ, Кумита аз воситаҳои техникии иттилоотӣ, аз қабили лавҳаҳои хиёбонии иттилоотӣ, стендҳо, овезаҳо, баннерҳо, шабакаҳои радиоӣ ва шиорҳои иттилоотӣ истифода намуд. Илова бар ин, якчанд навори видеоӣ таҳия ва дар ҷойҳои таҷаммъӯи одамон ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ намоиш дода шуд.

Бо кумаки молии Ҳукумати ҶХХ ба Кумита як автомашинаи махсус бо мақсади таблиғот ва пешкаш намудани иттилоот ба аҳолӣ эҳдо гардид.



Ичунин, ба кор бо кӯдакон ва наврасон, ки ҳангоми офатҳои табиӣ бештар осебпазир мебошанд, Кумита таваҷҷӯҳи хос мабзул медорад. Чорабиниҳои таблиғотӣ дар байни кӯдакон ва наврасон аз тариқи рушд додани фаъолияти эҷодии онҳо, аз ҷумла, бо воситаи расмҳои онҳо гузаронида мешаванд.



Чунончи, бо дастгирии молии Фонди кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), Барномаи умумиҷаҳонии озуқаи СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоти байналмилалии

«Ҳамсоягии нек» соли дуюм аст, ки дар арафаи Рӯзи байналмилалии муҳофизати кӯдакон ва Рӯзи байналмилалии коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ, Кумита муштаракан бо Ҳукумати ш.Душанбе озмунҳои расмҳои беҳтаринро ташкил мекунад.

Дар озмунҳо бештар аз 200 нафар кӯдакон ва наврасони аз 6 то 16-сола иштирок намуданд. Бори нахуст дар озмун кӯдакон ва наврасон аз Ташкилоти ҷамъиятии «Ирода» – студияи инклюзивии волидайни кӯдакони гирифтори аутизм, инчунин кӯдакони дорои имконоти маҳдуд саҳм гирифтанд. Ҳакамон аз ҷумлаи намояндагони Иттифоқи рассомони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалӣ фардият ва оличанобии корҳои озмуниро қайд ва иброз намуданд, ки кӯдакон дар онҳо ҳиссачаҳои равон, илҳом ва нирӯи неки худро тасвир кардаанд.



Аз рӯи натиҷаҳои озмун ғолибон бо тӯҳфаҳои хотиравӣ ва ҳамаи иштирокчиён бо ифтихорномаҳои КҲФ ва МГ сарафароз гардиданд.






Инчунин бо иштироки кӯдакон ва наврасон чорабиниҳои варзишӣ ташкил шуданд.

Кумита имконоти воситаҳои ахбори оммаро ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои вобаста ба баланд бардоштани огоҳии аҳолӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҲФ фаъолона истифода менамояд. Дар соли 2019 аз тариқи воситаҳои ахбори омма барои шарҳу тафсири иқдомоти превентивӣ ва пешгирикунанда дар соҳаи ҳолатҳои фавқулоддаи эҳтимолӣ ва ба аҳолӣ пешниҳод намудани тавсияҳо оиди масъалаҳои бехатарӣ корҳои зиёд гузаронида шуданд.

Дар ҳамкорӣ бо ВАО зиёда аз ду ҳазор мавод оид ба фаъолияти Кумита таҳия шуд. Дар давоми сол дар матбуоти чопӣ 142 мақола ва очерк, аз тариқи радио 811 мавод ва аз тариқи телевизион 703 барнома дар бораи масъалаҳои пешгирии ҳодисаҳои нохуш, огоҳсозии аҳолӣ, хусусан кӯдакон, наврасон ва ҷавонон оид ба хатарҳо ва таҳдидҳои эҳтимолӣ, пахш гардид.

Соли 2019 дар сомонаи КҲФ ва МГ (http://www.khf.tj) 908 хабар, мақолаи таҳлилӣ, инчунин тавсияҳо ба аҳолӣ оид ба масъалаҳои шомили салоҳияти Кумита ҷой карда шуданд.

Иртибот бо истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ (Телеграмма, Ютуб, Фейсбук) аз қобили таваҷҷӯҳ будани сомона шаҳодат медиҳад. Омор нишон медиҳад, ки дар соли 2019 142974 нафар ва ё 11 ҳазор муроҷиаткунанда ва истифодабаранда ҳар моҳ ба сомона ворид мешавад.

Кормандони Кумита дар соли 2019 дар таҳия ва пахши як қатор барномаҳои телевизионӣ дар шабакаҳои «Тоҷикистон»,

«Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Душанбе», «Баҳористон», МРТК «Мир», «ОРТ», инчунин дар радиоҳои «Ховар», «Садои Душанбе», «Фарҳанг», «Азия Плюс», «Имрӯз», «Ватан» ва «Овози тоҷик» иштирок намуданд.

Дар нашрияҳои чопии ВАО ҳар сол қариб дусад мақола роҷеъ ба масъалаҳои вобаста ба салоҳияти Кумита нашр мешавад.

Бо дарназардошти самаранокии фаъолияти Кумита дар кори пешниҳод намудани маълумот ба аҳолӣ ва огоҳсозии он аз ҲФ, 11 марти соли 2019 дар ҷаласаи тантанавӣ ба муносибати Рӯзи матбуот, Шуъбаи Кумита оид ба кор бо ҷомеъа «Маркази матбуотии сол» эълон шуд.



Бо мақсади беҳтар намудани сифати чорабиниҳои вобаста ба иртиқои сатҳи огоҳии аҳолӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҲФ, таҳкими ҳамкорӣ бо табақаҳои мухталифи аҳолӣ дар сохтори шуъбаҳои кор бо ҷомеаи Кумита дар вилоятҳо ва ш.Душанбе воҳидҳои нави штатӣ ворид карда шуданд.



Моҳи июни соли 2019 бо дастгирии Кумита оид ба танзими кумакҳои хайриявии Давлати Қатар студияи хурди радиотелевизионии Кумита ташкил шуд.

Студияи мазкур барои таҳияи маводи босифат оид ба ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти хизматии Кумита истифода мешавад.



Ҷиҳати инъикоси натиҷаҳои фаъолияти хизматии идора дар соли 2019 4 конфронси матбуотӣ ва 2 брифинг бо иштироки роҳбарияти Кумита ва беш аз 100 намояндаи ВАО дохилӣ ва хориҷӣ доир гардид.



# VIII. СИЁСАТИ КАДРӢ

## 8.1. Омӯзонидан ва бозомӯзонидани кадрҳо

Таълиму тарбия, баланд намудани маҳорати касбӣ ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар самаранокии фаъолияти Кумита нақши муҳим дорад.

Тайёр намудани мутахассисони бомаҳорат, ки қобилияти ба таври фаврӣ ва бо сифат ҳаллу фасл намудани масъалаҳои вобаста ба соҳаи ҲФ ва МГ-ро дошта бошанд, яке аз вазифаҳои афзалиятноки дастгоҳи кадрӣ мебошад.

Бо сабаби вуҷуд надоштани муассисоти таҳсилотии тахассусӣ оид ба тайёр намудани кадрҳо дар соҳаи ҲФ ва МГ дар Тоҷикистон, Кумита бо истифода аз имконоти ҳамкории байналмилалӣ таълиму тарбияи мутахассисонро дар Академияи муҳофизати шаҳрвандии Вазорати ҳолатҳои фавқулоддаи Федератсияи Россия ва Институти фармондеҳӣ-инженерии Вазорати ҳолатҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Беларус ташкил намудааст.

Дар давоми 20 сол Академияи муҳофизати шаҳрвандии КҲФ Россияро 50 афсар хатм намуд, ки 28 нафари онҳо хизматро дар вазифаҳои роҳбарикунанда ва дигар идома медиҳанд.



Дар айни замон 3 афсари амалкунандаи Кумита дар Академияи мазкур таҳсилро идома медиҳад.

Соли 2017 нахустин бор курсантҳо барои таҳсил дар Академияи муҳофизати шаҳрвандии КҲФ Россия интихоб шуданд. Онҳо дар самти Амнияти техносферӣ (риштаи Муҳофизат ҳангоми ҲФ) таҳсил менамоянд.

Ҳоло дар Академия 20 курсант аз Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунад. Онҳо дар баробари таҳсили муваффақона, дар ҳаёти варзишии Академия, инчунин дар олимпиадаҳои академиявӣ саҳми фаъол мегиранд.



Аз ҷумла, дар мусобиқоти кушода оид ба бокс донишҷӯи курси аввал С. Сироҷиддин соҳиби ҷой I ва медали тилло, донишҷӯи курси дуюм М. Саймудинов соҳиби ҷойи II ва медали нуқра, донишҷӯи курси сеюм Ш. Эмомов соҳиби ҷойи III ва медали биринҷӣ шуданд.

Барои иштироки фаъол дар чорабиниҳои спортӣ донишҷӯёни тоҷик бо ифтихорномаҳо низ сарфароз гардидаанд. Дар остонаи 25 солагии таъсиси Кумита ба фиристодагони Тоҷикистон – донишҷӯёни курсҳои 2 ва 3 рутбаҳои навбатии ҳарбӣ дода шуданд.



Бо мақсади назорати дараҷаи муваффақиятнокии таҳсили муҳассилин, инчунин шинос шудан бо шароити буду боши онҳо, раҳбарияти Кумита мунтазам аз Академия боздид менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд намудани иқтидори кадрии Кумита ҷиҳати таҳсил дар Институти фармондеҳӣ – инженерии Вазорати ҳолатҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Беларус квотаҳо ҷудо намуд. Дар Институти мазкур 17 нафар донишҷӯ таҳсил ва бо муваффақият дар Кумита ва сохторҳои таркибии он хизматро идома медиҳанд.



Дар Академияи Умуминизомии Қувваҳои Муссалаҳи Россия 3 афсар таҳсил ва ҳоло хизматро дар вазифаҳои роҳбарии Кумита адои хизмат менамоянд.

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро 29 афсар хатм ва ҳоло 12 нафари онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда адои хизмат мекунанд.

Мутобиқи роҳхатҳои Кумита 31 донишҷӯ дар факултети Пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи Академияи мазкур таҳсилро идома медиҳанд.

Институти низомии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро 54 афсар хатм ва дар ҷузъу томҳои Кумита хизмат мекунанд. Дар соли 2019 15 нафар афсарони ҷавон ҷиҳати идомаи хизмат ба Кумита фиристода шуданд.

Ба масъалаи баланд намудани дониши касбии мутахассисони Кумита таваҷҷӯҳи хос мабзул мешавад. Бо ин мақсад дар соли 2019 як қатор семинарҳо ва конфронсҳо дар дохили Тоҷикистон ва хориҷи он ташкил шуданд.

Дар соли 2019 ба манзури табодулаи таҷриба, ширкат дар семинарҳо ва иртиқоъи дониши касбӣ 113 нафар корманди Кумита ба хориҷи кишвар эъзом шуд. Дар курсҳои дар дохили ҷумҳурӣ ташкилшуда 232 афсар таҳсил намуд.

**Категорияи синну сол**




Ҳоло ҳайати шахсии Кумита, ки синнашон то 35-сола мебошад – 43 %, то 45-сола – 29 %, то 50-сола –12 % ва болотар аз 50-сола – 16 %-ро ташкил медиҳад.

**Таносуби фоизии таҳсилот**




Шумораи кормандони дорои маълумоти олӣ дар Кумита – 67%, таҳсилоти миёнаи махсус – 12%, маълумоти техникӣ – 7% ва маълумоти миёна – 14%-ро ташкил медиҳад.

Самаранокии фаъолияти Кумита аз татбиқи иқтидори кадрӣ, пешниҳод намудани мутахассисони дорои тафаккури муосири илмӣ, афсарони аз лиҳози касбӣ омодашуда ва дорои тавонмандии фаъолияти самаранок, рафъи таҳдидҳо ва даъватҳои нави замони муосир ва сифатҳои олии ахлоқӣ ва маънавӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ

ва садоқат ба Ватан ба вазифаҳои масъул вобастагии зиёд дорад.



Такмили ҳайати шахсии Кумита бо дарназардошти тағйир ёфтани технологияи таълиму тарбия ва модели низомии касбӣ сурат мегирад. Ҳангоми ҷобаҷогузории кадрҳо сифатҳои касбӣ, шахсӣ, корӣ ва ахлоқии низомиён, ташаббуснокӣ, мустаъқилият, фарҳанги ҳуқуқӣ ва идоракунии онҳо ба назар гирифта мешавад. Интихоби номзадҳо ҷиҳати адои хизмат дар Кумита тавассути Комиссияи аттестатсионӣ дар асоси озмун сурат мегирад.

Консепсияи сиёсати кадрии Кумита ба иртиқоъи самаранокии таълиму тарбияи мутахассисони низомӣ, коҳиши масорифи камсамар, пешгирии зуҳуроти вобаста ба вайрон намудани қонунҳо ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷузъу томҳои Кумита мусоидат мекунад.

Раёсати кадр як қатор барномаҳо ва усулҳои таълиму тарбияро барои баланд намудани сатҳи дониши афсарон, прапоршикҳо, сержантҳо ва аскарон, тарбияи рӯҳияи ватанпарастӣ ва ҷангӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ татбиқ менамояд.

Барои баланд бардоштани сатҳи модагии сиёсӣ, ҷангӣ ва ҷисмонии ҳайати шахсӣ ва афсарони ҷавон мутобиқи нақшаи бо амри Раиси Кумита тасдиқшуда, мунтазам чорабиниҳои омӯзишӣ, машқҳо, чорабиниҳои мухталифи варзишӣ ва озмунҳо доир мешаванд.

Дар байни ҳайти шахсӣ чорабиниҳои пешгирикунанда ҷиҳати ҷилавгирӣ ва ошкор намудани ҳолатҳои эҳтимолии қонуншиканӣ, бартараф намудани шароит ва сабабҳои зуҳури онҳо сурат мегиранд.

Бо мақсади рушди тарбияи фарҳангии ҳайати шахсӣ мунтазам боздиди дастаҷамъии театрҳо, осорхонаҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ ташкил карда мешаванд.

Дар соли 2019 тибқи нақшаи тасдиқшуда дар Кумита фестивалҳо, намоишҳо, ҷашнҳо, озмунҳои расму русум ва ҳунарҳои мардумӣ доир карда шуданд.

Аз ҷумла, дар моҳҳои март ва ноябри соли 2019 бо иштироки ҳайати шахсии Кумита ва ҷузъу томҳои гарнизони ш.Душанбе як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ ва истироҳатӣ дар сатҳи олӣ гузаронида шуданд.

# IX. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## 9.1. Чорабиниҳо ҷиҳати тавсеъа ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда

Мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аснодиҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро тасвиб намудааст, Кумита чорабиниҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва амалиро фаъолона ҷиҳати таҳким ва рушди ҳамкориҳои дутарафа ва бисёртарафа бо кишварҳои ҳамкор, ташкилотҳои байналмилалӣ, корпуси дипломатӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ амалӣ менамояд.

Аз ҷумла, 21 августи соли 2019 дар ш.Душанбе Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда имзо гардид. Созишномаи мазкур масъалаҳои зиёди ҳамкорӣ байни кишварҳоро дар соҳаи пешгирии фалокатҳои табиӣ, инчунин расонидани кумаки мутақобиларо дар рафъи оқибати онҳо фаро мегирад.



Ҳангоми ташрифи расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ш.Берн (Швейтсария) 5 ноябри соли 2019 Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамдигарфаҳмӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои федералии Швецария дар соҳаи тағйирёбии иқлим, идора намудани хатари фалокатҳои табиӣ ва банақшагирии босубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шуд.

30 октябри соли 2019 Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамдигарфаҳмӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи идора намудани фалокатҳои табииро, ки 8 октябри соли 2018 имзо шуда буд, тасвиб намуд.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон асноди меъёрӣ-ҳуқуқии зерин тасдиқ ва дар соли 2020 тасвиб хоҳанд шуд:

– Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда;
– Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамдигарфаҳмӣ байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои миллии бехатарии Мақоми миллӣ оид ба идора намудани ҳолатҳои фавқулодда, бӯҳронҳо ва фалокатҳои табиии Аморати Муттаҳидаи Арабӣ дар соҳаи идоракунӣ ва аксуламал ба ҳолатҳои фавқулодда.



Инчунин дар соли 2019 бо мақсади тавсеъаи ҳамкорӣ зиёда аз 10 созишнома ва ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ бо

ташкилотҳои байналмилалӣ, ҳамкорони дигари хориҷӣ ва идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва имзо шуданд. Аз ҷумла:

– Созишнома дар бораи расонидани кумак ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Маркази байналмилалии табодулаи иқтисодӣ ва техникӣ дар назди Вазорати савдои Ҷумҳурии Халқии Хитой;
– Созишнома дар бораи ҳамкорӣ бо Барномаи умумиҷаҳонии озуқаворӣи СММ дар Тоҷикистон;
– Созишнома дар бораи ҳамкорӣ бо Ҷамъияти олмонии ҳамкории байналмилалӣ (GIZ);
– Ёддошти тафоҳум бо намояндагии «Helvetas Swiss Intercooperation» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамдигарфаҳмӣ байни Кумита, Вазорати тандурустӣ ва муҳофизати иҷтимоъии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки амонатгузории давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», Ҷамъияти салиби сурх ва ҳилоли аҳмари Тоҷикистон ва намояндагии Фонди кӯдакони СММ дар Тоҷикистон;
– Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамдигарфаҳмӣ бо намояндагии Каритаси Швейтсария дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.



Раҳбарияти Кумита дар тӯли соли 2019 бо мақсади рушди минбаъдаи ҳамкории дутарафа ва бисёртарафа дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи фалокатҳои табиӣ, инчунин таҳким ва иртиқоъи иқтидори моддӣ-техникӣ ва кадрии КҲФ ва МГ бо роҳбарон ва намояндагони намояндагиҳои дипломатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҳамкорони дигар 51 мулоқот ва вохӯрӣ доир намуд.

### Конфронси минтақавӣ оид ба коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ

Ба манзури муҳокимаи масъалаҳои ҳамкорӣ ва кумаки мутақобила дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, бо ибтикори Кумита ва дастгирии Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти раёсати муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Зокирзода ва бо иштироки Намояндаи махсуси Котиби Генералии СММ оид ба масъалаҳои коҳиши хатари фалокатҳо хонум Мами Мизутори, Дастёри Котиби Генералии СММ, Директори Бюрои ПРООН оид ба аксуламал ба бӯҳронҳо хонум Асако Окай 21 августи соли 2019 дар ш.Душанбе Конференсияи митақавӣ оид ба коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ ва чораёни татбиқи Барномаи чавкотии Сендай барои солҳои 2015–2030 баргузор гардид.



Дар Конфронс инчунин роҳбарон ва намояндагони вазоратҳо, идораҳои ваколатдор дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Муғулистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, намояндагони сафоратхонаҳо, ташкилотҳои маблағгузор ва агентиҳои СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат намуданд.

Иштирокчиёни Конфронс масъалаҳои «Татбиқи барномаи чавкотии Сендай оид ба коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ», «Таҷрибаи кишварҳо дар кори бартараф намудани оқибатҳои фалокатҳои табиии бузург ва ҷалби маблағҳо ҷиҳати коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ дар минтақаҳо» – ро баррасӣ ва муҳокима намуданд.

Дар рафти Конфронс мулоқоти Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Қ.Расулзода бо Намояндаи махсуси Котиби Генералии СММ оид ба масъалаҳои коҳиши хатари фалокатҳо хонум Мами Мизутори, Дастёри Котиби Генералии СММ, Директори Бюрои ПРООН оид ба аксуламал ба бӯҳронҳо хонум Асако Окай баргузор гардид. Зимни мулоқот масъалаҳои татбиқи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ барои солҳои 2019–2030, инчунин ҳамкории дутарафа бо намояндагиҳои СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуданд.

Ҳамчунон мулоқотҳои дутарафаи Раиси Кумита бо сарони ҳайатҳои давлатҳои иштирокчӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ доир гардиданд.

### Чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда

Кумита дар тамоми чорабиниҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳми фаъол мегирад ва корҳои ҳадафмандро ҷиҳати тавсеъаи минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилаи судманди дутарафа ва бисёртарафа бо кишварҳои ҳамсоя дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда амалӣ менамояд.



Аз ҷумла, ҳайати Кумита 5 апрели соли 2019 дар ш.Бишкек (Қирғизистон) дар ҷаласаи нахустини сетарафа бо иштироки раҳбарони идораҳои ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣи Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон иштирок намуд.

24–25 сентябри соли 2019 дар ш.Боткент (Қирғизистон) машқҳои муштарак бо иштироки хадамоти наҷотдиҳии ВҲФ Қиғизистон, КҲФ ва МГ Тоҷикистон ва ВҲФ Ӯзбекистон баргузор гардиданд.

Ҳайатҳои Кумита дар соли 2019 дар чорабиниҳои зерини байналмилалӣ ва минтақавӣ саҳми фаъол гирифтанд:



- Иҷлосияи 6-уми Платформаи байналмилалӣ оид ба коҳиши хатарҳо, 13–17 май, ш.Женева (Шведсария);
- Намоиши XII-уми байналмилалӣ оид ба мусоидат ба бехатарӣ «Бехатарии маҷмӯъӣ–2019», 4–5 июн, ш.Москва (Россия);
- Конфронси Осиёӣ оид ба коҳиши хатари фалокатҳо, 25–27 ноябр, ш.Анкара (Туркия);
- Ҳамоиши «Муҳофизати молӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда», 26–27 феврал, ш.Алма-Ато (Қазоқистон);
- Ҷаласаи XXXII-уми Шӯрои байналмилалӣ оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногении далатҳои иштирокчии ИДМ, 4–5 сентябр, ш.Санкт-Петербург (Россия);
- Ҷаласаи раҳбарони идораҳои ҳалатҳои фавқулоддаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, 11–12 июл, ш.Бишкек (Кирғизистон);
- Ҷаласаи XII-уми Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи давлатҳои аъзои СШАД, 9–11 ноябр, ш.Бишкек (Кирғизистон).

### Нақши Гурӯҳи арзёбии сареъ ва ҳамоҳангсозӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда

Кумита ва Раёсати Созмони Миллали Муттаҳид оид ба ҳамоҳангсозии масъалаҳои башардӯстона Гурӯҳи арзёбии сареъ ва ҳамоҳангсозӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда (минбаъд – гурӯҳи РЕАКТ)-ро ташкил намуданд.

Гурӯҳи РЕАКТ дар Тоҷикистон фаъолияти ташкилотҳои ҳукуматӣ ва байналмилалиро дар самти бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ҳамоҳанг менамояд.

Гурӯҳи РЕАКТ дар соли 2019 тибқи нақша як қатор чорабиниҳоро дар самти бехатар намудани идоракунии хатари фалокатҳои табиӣ дар Тоҷикистон амалӣ намуд.

Дар сатҳи миллӣ раёсати Гурӯҳи РЕАКТ ба Кумита ва Дафтари ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон вогузор шудааст.

Дар соли 2019 чаҳор ҷаласаи Гурӯҳи РЕАКТ таҳти раёсати Раиси Кумита генерал-лейтенант Р.Назарзода ва Намояндаи доимии Барномаи рушди СММ ва Ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон хонум Пратибха Мехта доир гардид.



Дар ҷаласаҳо раҳбарони ташкилотҳои байналмилалии муқими кишвари мо ва намояндагони вазоратҳо ва идораҳои миллӣ ширкат карданд. Иштирокчиёни ҷаласоти Гурӯҳи РЕАКТ як қатор масъалаҳои муҳими коҳиши хатари фалокатҳои табииро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул намуданд. Аз ҷумла:

– маълумот дарбораи фалокатҳои табиии бузург, пешниҳодҳо ва тавсияҳо ҷиҳати рафъи оқибати онҳо;
– дар бораи татбиқи иқдомот ҷиҳати омодагӣ ба аксуламал ва нақшаи намунавии аксуламал;
– масоили истифодаи захираи эҳтиётии амволи зарурияти аввалия, маҳсулоти хӯроквории, доруворӣ ва асбобу анҷом, ки барои зарардидагон дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда лозиманд ва пур кардани захираҳо;
– масоили ташкил ва гузаронидани машқҳои байналмилалии ситодӣ ва саҳроӣ оид ба бартараф намудани оқибатҳои заминҷунбии сахт, қабул ва ҷобаҷо намудани гурезаҳо аз як кишвари ҳамсоя;
– баланд бардоштани сатҳи дониши шахсони масъул ва ба онҳо омӯзонидани масъалаҳои банақшагирии аксуламали башардӯстона;
– дастгирии татбиқи Стратегияи миллӣ оид ба коҳиши хатари фалокатҳои табиӣ ва Барномаи рушди КҲФ ва МГ.

### Натиҷаҳои татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо дастгирии маблағгузорон ва ҳамкорони хориҷӣ

Дар давраи сипаришуда дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва давлатҳои ҳамкор дар самти таҳкими заминаи моддӣ- техникии Кумита ва бехатар намудани шароити кори ҳайати шахсӣ як қатор корҳо сурат гирифтанд.

Дар натиҷаи ҳамкорӣ дар соли 2019 ба Кумита ба маблағи зиёда аз 10 млн. доллари ИМА) кумаки моддӣ-техникии билоиваз расонида шуд.

Аз он ҷумла:

– Агентии Оғо Хон оид ба Хабитат моҳи январ ду адад автомашинаи навъи «Нива», инчунин таҷҳизоти коммуниктсионӣ-иттилоотӣ (сервер бо бастаи таҷҳизот) ба маблағи 38 887 доллар ИМА ба

Раёсати Кумита дар ВМКБ, 13 ноябр як миқдор маводи зарурияти аввала ва расонидани кумак, ба маблағи 3 715,10 доллари ИМА ба Раёсати мазкур ва 5 декабр таҷҳизоти садамавӣ-наҷотдиҳиро ба маблағи 10 214,58 доллари ИМА ба Гурӯҳи Кумита дар ноҳияи Рашт тақдим намуд;

– 8 феврал Сафорати ИМА дар Тоҷикистон як баста барои пок намудани силоҳ, балангӯякҳо ва воситаҳои муҳофизати шахсиро барои наҷотдиҳандагон ба маблағи 3715,10 доллари ИМА ба Кумита эҳдо намуд;
– 14 феврал Агентии СММ оид ба кор бо гурезаҳо 17 хаймаро ба маблағи зиёда аз 21 ҳаз. доллари ИМА ба Кумита тақдим намуд;
– 16 апрел Дафтари барномаҳои САҲА компютерҳо, ноутбукҳо, принтерҳо ва проекторҳоро ба маблағи 18 998,82 доллари ИМА ба Кумита супорид;
– Фонди кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) компютерҳо, ноутбукҳо, дастгоҳҳои расмгирӣ, принтерҳо ва проекторро ба маблағи 14 116 доллари ИМА ба Кумита тақдим намуд;
– 19 апрел Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон камераҳои назоратиро бо бастаи таҷҳизот ба маблағи 44 280 сомонӣ ба Кумита супорид;
– 26 апрел Маркази наҷотдиҳӣ ва кумаки башардӯстонаи Шоҳ Салмони Арабистони Саудӣ 6 адад техникаи махсус ва инженериро ба маблағи 58 670,21 доллари ИМА ба Кумита эҳдо намуд;
– Кумитаи танзими кумаки билоивази Давлати Қатар 100 тонн маводи сӯхт ва молиданӣ, дастгоҳи бофтани симтӯр, 20 адад қолиб барои тахия намудани мураббаҳои бетонӣ, дастгоҳи махлуткунии бетон, инчунин таҷҳизотро барои теле-радио-студия ба маблағи умумии 815 006,38 доллари ИМА ба Кумита эҳдо намуд;
– 22 май Сафорати Япония дар Тоҷикистон ба Кумита воситаҳои техникӣ ва таҷҳизотро барои гузаронидани корҳои садамавӣ ва наҷотдиҳӣ ба маблағи 72 320,42 доллари ИМА тақдим намуд;
– 3 июля Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ба Кумита 127 адад нақлиёти автомобилӣ, техникаи вазнин ва таҷҳизоти махсусро ба маблағи 8 877.005 доллари ИМА тақдим намуд;
– 7 август Дафтари САҲА ва Фонди кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар Тоҷикистон ба Кумита компютерҳо, мебел, таҷҳизот барои дафтарҳои кории равоншиносон, техникаи маъишӣ, инчунин автомашинаи навъи «Nissan Patrol»-ро ҳадя намуд;
– 26 сентябр Дафтари Барномаи умумиҷаҳонии озуқаворӣи СММ дар Тоҷикистон воситаҳои техникиро (сервер, компютер, нотбук, плашет, принтер ва проектор) ба маблағи 36 507 доллари ИМА ба Кумита тақдим намуд.

# X. САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ КУМИТА ДАР СОЛИ 2020

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қабули чораҳо ҷиҳати мубориза бо таъсири манфии тағйирёбии иқлим таваҷҷӯҳи хос дода мешавад.

Мутобиқ ба ин ба истифодаи донишҳо ва технологияҳо аҳамияти хос мабзул мешавад. Дар айни замон неруи ҷомеъи ҷаҳонӣ ба омода намудани мутахассисон ва мусоидати техникии кишварҳои рушдёфта равона шудааст.

Бо мақсади коҳиши хатар ва оқибатҳои офатҳои табиӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумита барои коҳиши хатари ҳолатҳои фавқулодда, то ҳадди ақал расонидани хисороти офатҳои табиӣ, беҳтар намудани системаи огоҳкунии пешакӣ ва мониторинг маҷмӯи чораҳоро меандешанд.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017 «Дар бораи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сохтори КҲФ ва МГ дастаҳои иловагии аксуламали саредъ ташкил шуданд.

Дар соли 2019 кори ҳадафманд ҷиҳати баланд намудани сатҳи тайёрии касбии ҳайати шахсӣ, бо таҷҳизоти муосир ва воситаҳои махсуси техникӣ муҷаҳҳаз намудани хадамоти наҷотдиҳӣ идома дода шуд.

Бо мақсади таъмини рушди босуботи Кумита дар оянда, мутобиқи Барномаи рушди КҲФ ва МГ барои солҳои 2018–2022, инчунин дар доираи созишномаҳо ва ёддоштҳои тафоҳуми дутарафаи имзошуда, дар соли 2020 татбиқи чорабиниҳои асосии зерин ба нақша гирифта шудаанд:

1. Такомули минбаъда ва ба низом овардани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии Кумита:

– тасвиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати гражданӣ».

2. Идома додани бозсозии сохтори КҲФ ва МГ.

3. Омӯзонидан ва бозомӯзонидани кадрҳо:

– мукаммал намудани заминаи моводи таълимӣ-методии Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумита;
– ташкил намудани таълиму тарбияи кадрҳои Кумита ва кормандони хадамоти зидди жола дар муассисоти таълимии ҷумҳурӣ ва хориҷӣ.

4. Таҳкими иқтидори хадамоти наҷотдиҳии Кумита:

– бо таҷҳизоти муоссири садамавӣ наҷотдиҳӣ таъмин намудани ҷузъу томҳои сохтории Кумита;
– мустаҳкам намудани иқтидори техникӣ ва такмил додани хадамоти низомикунонидашудаи наҷотдиҳии кӯҳӣ дар шаҳрҳои Хӯҷанд, Норак ва Роғун;

5. Тавсеъа ва таҳкими минбаъдаи ҳамкории байналмилалӣ:

– ба анҷом расонидани сохтумони анборҳо дар ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон ва шаҳри Хоруғи ВМКБ бо мақсади ташкил намудани захираи хӯрокворӣ ва масолеҳи сохтумонӣ барои сокинони минтақаҳои наздимарзӣ;
– оғоз намудани сохтмони Маркази миллии таълимӣ оид ба омӯзонидан ва бозомӯзонидани наҷотдиҳандагони Кумита, тимҳои ихтиёрии наҷотдиҳии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, инчунин омӯзонидани кормандони хадамоти наҷотдиҳии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;
– оғоз намудани сохтмони Маркази миллии идоракунии ҳолатҳои бӯҳронӣ;
– иваз кардани системаи огоҳкунии пешакии Кӯли Сарез ва васеъ намудани минтақаи пӯшиши он то сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон;
– харидорӣ ва насб намудани стансияи метеорологии радиолокатсионӣ дар Хадамоти зидди жолаи Кумита.

## Лоиҳаи Маркази омодасозии наҷотдиҳандагон















# XI. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст.

**Моддаи 1.** Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва унитарӣ мебошад.

Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон:



Нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон:



Рӯзи Истиқлолият:
9 сентябри соли 1991

Ҳудуд:
143 100 км²

Аҳолӣ:
Зиёда аз 9 млн. нафар

Пойтахт:
Душанбе

Пули миллӣ:
Сомонӣ (TJS)

Камарбанди соат:
UTC+5

Шаҳрҳои бузург:
Душанбе, Хуҷанд, Конибодом, Исфара, Панҷакент, Гулистон, Бӯстон, Бохтар, Кӯлоб, Хоруғ, Ҳиссор, Турсунзода, Норак, Роғун.

Кишварҳои ҳаммарз бо Тоҷикистон:
Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ воқеъ аст ва масоҳаташ 143 100 км² мебошад. Мутобиқи омори соли 2019 аҳолии кишвар зиёда аз 9 млн. нафарро ташкил медиҳад. Пойтахт – шаҳри Душанбе.



Ҷаззобияти Тоҷикистон аз баракати табиати нотакрораш мебошад. Қисми зиёди саёҳон ба ин кишвари аҷиб барои он меоянд, ки аз зебогиҳои нотакрори табиати Помир ҳаловат баранд. Тоҷикистон барои онҳое, ки истироҳати фаъолро интихоб менамоянд бисёр мувофиқ аст.

Дар ин ҷо хоҳишмандон метавонанд қувваи худро дар кӯҳнавардӣ ва рафтинг биозмоянд. Илова бар ин ёдгориҳои зиёди таърихӣ, ки дар сатҳи олӣ ҳифз шудаанд, таваҷҷӯҳи бостоншиносон ва таърихшиносонро ба ин кишвар ҷалб менамояд.

Тоҷикистон бо Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар ғарбу шимол ҳамсарҳад мебошад. Ҳамсояи шарқии он Хитой аст. Дар ҷануб марзи давлатӣ Тоҷикистон ва Афғонистонро аз ҳам ҷудо мекунад.

Забони давлатии кишвар тоҷикӣ мебошад. Имрӯз иқтисодиёти Тоҷикистонро корхонаҳои саноатии коркарди маъданҳои кӯҳӣ, металлургӣ, кимиёвӣ, сохтмонӣ, бофандагӣ ва хӯрокворӣ дастгирӣ менамоянд. Дар қаламрави кишвар конҳои бузурги нуқра, тилло, сурб, намаки ошӣ ва канданиҳои дигари фоиданок ёфт шудаанд.

Аз лиҳози иқлим Тоҷикистон обу ҳавои хушк дорад. Дар водиҳои поёноб иқлими гармсер ҳоким аст. Табақаи миёнаи кӯҳҳо боду ҳавои гарми мӯътадил дорад. Дар минтақаҳои баландкӯҳи ҳудуди Тоҷикистон иқлими сард бартарӣ дорад. Дар давраи тобистон ҳарорати мутавассити шабонарӯзии ҳаво дар водиҳо то +30°С мерасад. Замистон бошад сутуни ҳароратсанҷ то 0°С поин меояд. Тобистон дар кӯҳҳо ҳаво ҳамагӣ то +15°С гарм мешавад. Баланд ва поин шудани ҳарорати ҳаво аз +45°С дар водиҳо ва то –45°С дар манотиқи баландкӯҳ мушоҳида мешавад.

Саёҳон ақида доранд, ки фурсати муносиб ҷиҳати боздид аз Тоҷикистон моҳҳои март–октябр мебошад. Дар ин вақт заминҳои пастиҳо ба қолини бузурги гулдор мубаддал мешаванд. Барои баромадан ба кӯҳҳои Помир давраи муносиб моҳҳои июл–сентябр ҳисоб мешавад. Сафарҳои пиёда дар кишвар беҳтар аст, ки дар моҳи сентябр сурат бигиранд, чунки дар ин вақт дар қаламрави Тоҷикистон беҳтарин ҳолати иқлимӣ фаро мерасад, ки барои бо боду ҳаво одат кардани одам мусоидат менамояд.

Табиати Тоҷикистон барои тамоми дӯстдорони манзараҳои кӯҳи хушоянд аст. Қариб 93% қаламрави кишварро кӯҳҳои бузург, ки ба баландтарин системаҳои кӯҳии ҷаҳон Тян-Шон, Помир ва Ҳисору-Олой мансубанд, ишғол менамоянд. Дар ҳудуди Тоҷикистон бештар аз 1 000 пиряхи кӯҳӣ, ки бузургтарини онҳо пиряхи Федченко аст ва масоҳаташ 700 км²-ро ташкил медиҳад.



Марғзорҳои сабзи алпӣ ва дарёҳои софе, ки аз байни онҳо равонанд манзараҳои кӯҳии Тоҷикистонро бемислу монанд мекунанд. Тобистон марғзорҳои Тоҷикистон бо савсанҳои даштӣ, лолаҳо ва эделвейсҳо пӯшида мешаванд.

Бо мақсади муҳофизати табиати нотакрори Тоҷикистон дар қаламрави ҷумҳурӣ чандин манӯъгоҳҳо ташкил шудаанд, ки машҳуртарини онҳо Бешаи палангон, Даштиҷум ва Ромит мебошанд.



Дар тамоми дунё Тоҷикистон бо ҷойҳои дидании фарҳанги қадима ва таърихиаш машҳур аст. Дар пойтахти ҷумҳурӣ – ш.Душанбе теъдоди зиёди осорхонаҳо, театрҳо, аз ҷумла Театри академии драмавии ба номи А.Лоҳутӣ, Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ воқеъ мебошанд. Хоҳишмандон метавонанд бо фарҳанги Тоҷикистон дар Осорхонаи миллӣ шинос шаванд.



Саразм – қадимтарин иқоматгоҳи мардуми бумии Осиёи Марказӣ аст ва дар инҷо онҳо аз ҳазорсолаи чаҳорум то охири ҳазорсолаи даврони мо зиндагӣ кардаанд.

Саразм, ки арзиши бузурги таърихӣ ва фарҳангӣ дорад, дар фосилаи 15 км қисмати ғарбии маркази ноҳияи Панҷакенти Тоҷикистон, дар соҳили чапи дарёи Зарафшон воқеъ аст ва қасрҳо, иншооти фарҳангӣ ва сохтмонҳояш дар ҳолати хуб ҳифз шудаанд.



Ҳангоми кофтуковҳои бостоншиносӣ дар он ҷо маснуоти оҳанӣ ва сангӣ, инчунин миқдори зиёди чизҳои зиннатии аз сангҳои қиматбаҳо таҳияшуда ва садафҳои баҳрии коркардшуда ёфт шудаанд.

Соли 2010 Саразм дар рӯйхати Ёдгориҳои умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ҳамчун «Маркази ташаккули фарҳанги қадими кишоварзии халқи тоҷик» дохил шудааст.

Бо қарори ЮНЕСКО дар соли 2020 – 5 500-солагӣ шаҳраки Саразм таҷлил мешавад.

Теъдоди зиёди таърихшиносон Хуҷанди имрӯзаро шаҳри машҳури Александрияи Канорӣ меҳисобанд, ки онро Александри Макдунӣ бунёд намуда буд. Инчунин дар Хуҷанд оромгоҳи Муслиҳиддин ва Қалъаи кӯҳна воқеъ дар маркази шаҳр низ аҳамияти таърихӣ доранд.



Дар наздикии ш.Бохтар (ҷануби кишвар) боқимондаҳои савмиаи бутпарастон аз асрҳои VII–VIII то давраи мо мавҷуд аст. Бути дар он ҷо ёфтшуда ба ш.Душанбе оварда шуд ва дар Осорхонаи бостоншиносӣ нигоҳдорӣ мешавад.

Бе сабаб нест, ки ин Бут ҳазорҳо сайёҳ ва зиёраткунандаро ҳар сол ба худ ҷалб мекунад.

Ин бузургтарин муҷассамаи Бути дар ҳолати ниёиш дар ҷаҳон аст. Дарозии он қариб 14 метр аст ва 1 600 сол аз ин пеш сохта шудааст.



Осорхонаи бостоншиносӣ аз баракати он машҳур шудааст. Ҳоло Бут яке аз ёдгориҳои диданибоби асосии кишвар мебошад.



Водии ҳайратангези Чилдухтарон таваҷҷӯҳи хосро ба худ ҷалб менамояд. Чизи асосии диданибоби Тоҷикистон табиати бемислу монанди он мебошад. Теъдоди зиёди саёҳон ба ин кишвари ҳаяҷоновар маҳз барои бо чашми худ дидани зебогиҳои кӯҳҳои бовиқори Помир меоянд.

**Самтҳо ва масирҳои асосии рушди саёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:**

– кӯҳӣ – пиёда;
– фарҳангӣ-омӯзишӣ;
– кухнавардӣ.

Саёҳии пиёдаи кӯҳӣ асосан хоси гирду атрофи ш.Душанбе ва ноҳияҳои наздики атрофи он (дарраҳои Варзоб, Ширкент ва Ромит), инчуни Кӯҳистон (номи умумии силсилакӯҳҳои Туркистон, Зарафшон ва Ҳиссор) мебошад.

Дар ғарби Кӯҳистон кӯҳҳои Фон (минтақаи кӯлҳои Пайрон, Марғзор, Аловиддин, Искандаркӯл) воқеъ шудаанд. Дар ин ҷо даҳҳо масири саёҳӣ амал менамояд ва чандин қароргоҳҳои собити саёҳӣ ва бошгоҳҳо дар ш.Душанбе, дараи Варзоб, Искандаркӯл, кӯлҳои Аловиддин, Марғзор ва соҳили обанбори Қайроқум дар вилояти Суғд бунёд шудаанд.



Саёҳии фарҳангӣ ва омӯзишӣ бештар хоси Тоҷикистони Шимолӣ ва Ҷанубӣ мебошад (вилоятҳои Суғд ва Хатлон), ки дар он ҷо имкони шинос шудан бо ёдгориҳои бостоншиносӣ, осорхонаҳо ва дигар ҷойҳои диданибоб мавҷуд аст.

Саёҳатҳои кӯҳнавардӣ дар кӯҳҳои Фон, Мастчоҳ, инчунин мавзеъи баландтарини Кишварҳои муштаракулманофеъ – қуллаи Коммунизм (7495 м), ки дар соли 2000 номаш ба қуллаи Исмоили Сомонӣ табдил шуд, сурат мегиранд.




Дар байни аҳолии маҳаллӣ осоишгоҳҳои воқеъ дар назди чашмаҳои шифобахш («Гармчашма», «Ҷилондӣ», «Хоҷа Оби гарм», «Оби гарм», «Шоҳамбарӣ», «Зумрат») маъруфият доранд.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

САҲА Созмони амният ва
ҳамкорӣ дар Аврупо
**Дафтари барномаҳо дар Душанбе**

Шарҳи мазкур бо кумаки молиявии САҲА нашр шудааст